Иван Переверзин

# Гулҳои муҳаббат



Душанбе
«Бунёди адабиёт»
2010

БУНЁДИ АДАБИЁТИ
ИТТИФОҚИ НАВИСАНДАГОНИ
ТОҶИКИСТОН

*Иван Иванович Переверзин яке аз адибони маъруфи адабиёти муосири Русия, лауреати мукофотҳои сатҳи баланди умумируссиягӣ буда, миёни хонандагон маҳбубияти хоса дорад. Ашъори ӯ бо хусусиятҳои боигарии забони образҳо, оҳангнокӣ аз дигарон фарқ мекунад. Солҳои охир И.Переверзин раисии Хазинаи байналмилалии адабиёти Русия, Раиси комитети иҷроияи Иттифоқи байналмиллалии ҳамбастагии нависандагон (МСПС)-ро ба ӯҳда дорад. Китоби шеърҳои ӯ «Гулҳои муҳаббат» бори нахуст ба забони тоҷикӣ нашр мегардад. Умед аст, ки хонандаи тоҷик ашъори нави ин шоири боистеъдодро ба хушнудӣ мепазирад.*

Муҳаррири масъул
***Меҳмон Бахтӣ***
Тарҷумаи
***Ато Мирхоҷаи Нерӯ***

**Иван Переверзин.** ***Гулҳои муҳаббат.*** – Душанбе, 2010, 128 саҳ.

Тарҷумаи шеърҳо аз китоби Иван Переверзин «Цветы любви» («Гулҳои муҳаббат»), – Москва, нашриёти «Рипол классик», 2007

**© Иван Переверзин, 2010**

## ХОКИСТАРИ БАДАН

Кашфиёти бузурги Штроус[1] –
Авҷи ҳар дам фузуни пазмонӣ...
Ва ту андар масофаи як даст
Нарму мармузу гарм хандонӣ.

Ҳама майлам ба ишқу мусиқист,
Лек ишқам ба ишқ бештар аст.
Гарчи ишқам бувад маро зиндон,
Лек заҳраш барои ман шакар аст.

Бандии хешро дар ин зиндон
Оташи ишқ сӯхт бо сахтӣ.
Ҳеҷ изнаш надод, то бовар
Ӯ кунад бар ҳумои хушбахтӣ.

## СИТОРА

Хоҳиву нахоҳӣ ҳам, ман нобиға хоҳам шуд,
Дар шеър на, чун Пушкин дар арши худовандист.
Ман нобиға андар ишқ, оре, шавам андар ишқ,
Он сон ки муҳаббат худ бе ман натавонад зист!

Оре, чи қадар танҳост дар зиндагиаш як зан –
Як олами дард аст ӯ, як олами ҳузн аст ӯ.
Тарсам, ки намепоям бо ин ҳама помардӣ
Дар кашмакаши қисмат, бо ин ҳама ҳойуҳӯ.

---

1. Штроус – оҳангсози машҳури олмонӣ (шарҳи мутарҷим)

Як рӯз гузашту ду, рӯзи сеюм омад сар,
Айёми муҳаббатро бе ғам сипарӣ кардӣ.
Пурсӣ ту зи ман ҳарфе, к-онро набувад посух:
– Ку чанбари пур аз гул? Гулдаста наовардӣ!

Чун бар ту таваҷҷуҳам кам буд, бибахшоям,
Аммо пагаҳ ё фардо баҳри ту салиб орам.
Гул чисту гулчанбар? Бовар бинамо, ҳатман,
Афрӯхта сад ахтар дар пойи ту бигзорам!

❂ ❂ ❂

Хотираҳо – сиришк – дуд,
Аввалу охир аст ғам.
Бо дигаре ба хоби худ
Дидамату адо шудам.

Ин дили хунчакон расонд
Оҳ, маро ба назъи ҷон!
Чеҳраи меҳрубони ту
Буд вале ба дидагон.

Хоб, вале чу акси умр –
Ғуссаи ту, умеди ман –
Беҳуда н-ояд аз фалак,
Дар дили мо кунад ватан.

Дар дили ту кунун ҳама
Рехта бенизому ҷо:
Шавқи тамузу гармсер,
Хастагии ситораҳо.

Орзуям валек буд
Ишқи муқаддасу ҷавон.
То ки фақат барои вай
Нола кунанд булбулон.

З-он ки барои бахти нек
Дарду ғам аст мухтавӣ.
Ишқи навомада бувад
Аз ҳама шавқҳо қавӣ.

❂ ❂ ❂

Зиндагонӣ суруди парвозист,
Ман шаҳи хешаму Худои худам –
Шудам эҳё дар ин ҳавои сард
Хушку тар гарчи мисли ях будам,

Сари тарсе надорам аз қисмат.
Сахт тарсам валек аз он дам,
К-аз забони ту бишнавам ин ҳарф:
Ҷони ман, дӯстат намедорам.

Ва ту ҳамчун паранда озодӣ,
Хоҳӣ аз шӯри ишқу нашъаи вард[1]
Бигузорӣ ту ошён ҷойе-к
Шавқ пок асту зиндагӣ бедард.

1. Вард - садбарг

Ман надодам зи рашк озорат
Лек аз ҳаҷр куштамат, донам.
То ки бахшоиям, кунам инак
Хоки пойи туро ба сар, ҷонам!

Узр! Аммо ҳамин манам, ки маро
Бе сухан дӯст доштӣ, ёрам.
Ин манам, он ки хунам оташ ҳаст,
Дӯстам дор! Дӯстат дорам!

❁ ❁ ❁

Булбулон нола мекунанд чи хуш!
Ман бинӯшам майи муқаддасро.
Бетаваққуф бизан ту ҳарф зи ишқ,
Некбахтии ту манам, ҷоно!

Барнаагезам андаруни дилам
Даҳшати рашкро ба сӯзу алам.
Дар бало низ боядо бизиҳем,
Эй ҳумоюн Ҳумои зиндагиям!

Сардие байни мо фитад, бигзор,
Пурсӣ аз ман ту узр бо зорӣ.
Булбуло, бори чанд ин бошад,
К-ошён дар дилам ту бигзорӣ?

Ҷоҳилам, оқилам – чунинам ман,
Нест ҷуз тухмат ин сухан бар мо:
Он қадар ҳам ману ту хушбахтем,
Ки балое намезанад моро.

❁ ❁ ❁

Оҳ, ногаҳ чаро пур аз андӯҳ
Ту ба тори дилам задӣ нохун.
То ки дар қисматат дурахшам боз
Мисли нур аз нахуст, афвам кун!

Байни ин ҳалқаҳои торикӣ
Ту маро бинӣ ин қадар равшан.
Ки баногаҳ дилат бибурд аз ёд,
Ғуссаву дарду ашкро, эй зан!

Зиндагиро кунам зи ишқ мунир,
Чи қадар ранҷ бинаму озор.
Лек тарсам, ки ту набахшиям
Ва шавад рӯзи равшанам шаби тор.

## ИШҚИ ҶОВИДОНӢ

Ҷовидонӣ аст ишқи мо,
Ҳар чи беш аз ӯст, фоние.
Дар дилам, аммо тапад доим
Орзуи ҷовидоние!

Ҷовидонӣ кам бувад ӯро
Хуни дил хоҳад фазое боз.
Дӯст бояд дошту бовар кард
Пас ба ишқи ҷовидонӣ боз.

❁ ❁ ❁

На бо гуфтори худ, ҳам не ба рафтор
Набуд озори ту қасдам, бибахшо!
Вале ранҷондамат бисёр – бисёр
Ва нафрат оядам аз хеш ҳоло.

Кунун ҳастам зи дунболат кашола,
Ба чашмон ғусса, дар дил изтиробе.
Набитвонам сухан ҳам бо ту гуфтан,
Кушам худро агар ҳам бо азобе.

Ту ҳам як раҳ намесозӣ ишора –
Ғурури туст гаҳ оташ, гаҳе ях.
Вале дорам ҳаме бовар ба эъҷоз –
Ба ишқи мо, ба ин эъҷози бефах[1] !

Бишуд вайрон зи дастам хонаи ишқ,
Кунун аз нав варо бунёд созам.
Агарчи ҷойи хишт оварда Яздон
Ба ман хокистару пору фароҳам.

---

1. Фах - Макр, ҳила, дом.

## ДАР ИШҚ

Пеш аз ин ҳам туро медоштам ман дӯст,
Лек ин сон ки бимирам, бошад аввал бор.
Ту вафодорам будиву зинда ман бо ту,
Дер мекардам вале гоҳе даме аз кор.

Оре, як соъат! Вале ин вақт кофӣ буд,
Ки ту алвонтар зи гулҳои ҷанубӣ ҳам
Баркашӣ фарёд: – Эй ноҷинс! Эй номард!
Ман туро фаҳмида будам, боз фаҳмидам!

Чашмҳо пурашк. Роҳи дидаҳо баста.
– То ба кай? – берун зи имкон буд бишмардан.
Чунки талхии аламро кай тавон бишмурд?
Боз аз сар мегирифтам зиндагӣ кардан.

Нимашабҳо боз дарҳо боз мегаштанд
Сӯйи ҷаннат не, ба мулки ишқи поки ту.
Ту саропо лутф будиву будам ман шавқ!
Пур ҳамегаштанд дилҳои саъодатҷӯ.

Зиндагии мост ин! Не, порае аз он,
То тавон дорем, бояд зистан хуррам.
Ман нахоҳам зиндагӣ он гуна, к-аз қисмат
Баҳри ишқу бахти неку лаҳзае пурсам.

Пеш аз ин ҳам туро медоштам ман дӯст,
Лек ин сон ки бимирам, нест дар ёдам.
Ту вафодорам будиву зинда ман бо ту,
Дер умре кардаму пиндоштам як дам.

## ДИЛИ ТАНҲО

Ҳеҷ касро ба дилат роҳ мадеҳ,
Ҳеҷ кас, ҳеҷ касеро, зинҳор!
Бад нахуспад, бувад ӯ вайронкор,
Бибарад низ туро бар сари дор!

Дӯст дорӣ ту касеро ҳам сахт,
Бош ҳушёр, машав бесару по.
Варна, варна бикушӣ чун душман
Ҳам худу ҳам гули ишқи худро.

Жожи бисёр нахоям бо ту,
Суханамро бикунам хатм чунин:
Ҳар кас, имрӯз дили ӯ танҳост,
Ӯ бувад одами хушбахттарин!

❁ ❁ ❁

Маро мекунад ҳамраҳӣ рӯзу шаб
Касе, к-ӯ нахоҳад ба ман бад расад.
Нахоҳад шавам ғарқа дар ботлоқ,
Ки дар он балоро бало сад расад.

Ту бошӣ асокаш[1]! Надорам шаке
Бувад ишқи ман дар дилат ҷӯшзан.
Чу лабрезии чашмаи офтоб,
Чу беинтиҳоии фасли суман.

Туро мекунам ҳадя баҳри сипос
Яке ишқ, к-онро надида ҷаҳон.
Чу он кавкаберо, ки Яздони пок
Зада баҳри мо сикка дар осмон.

❂ ❂ ❂

Накунам шитоб ҷойе, чу туӣ ба паҳлуи ман,
Бизанӣ сабук ту парпар чу дар осмон парасту.
Ба мани фитода аз по бикунӣ ту ҳадя аз ҷон
Ҳама нармии ду дастат, ҳама нози чашму абрӯ.

Ба Худо, ки сухбататро будам интизор умре,
Ба сиришки ноумедӣ, ба алангаи муҳаббат.
Агарам ҳаёти ҷовид бувад, чи суд, агар ту
Ба канори ман набошӣ, надиҳӣ маро саъодат?!

Ва дилам расад ба парвоз чу мурғи осмонӣ
Ва ситораҳо дурахшанд ба рӯшании оҳанг.
Ҳама ин ҳамеша бошад, бигузор, то қиёмат
Ва дар он ҷаҳон бувад низ ба нағмаи дафу чанг.

1. Асокаш - роҳбар.

❁ ❁ ❁

Худовандо, зи ман ошиқтаре ку?!
... Гунохе лек бадтар з-ин надонам,
Ки дар рӯйи замин бахти худамро
Ба ҷон оғӯш бигрифтан натонам.

Фақат ҷону диламро гӯш дорам,
Ки хуни ман чи мегӯяд бар онон.
Кунад парвоз бахти ман бар афлок,
Зи байни абру байни раъду бӯрон!

Сар омад зиндагӣ. Боқӣ ҳама ашк.
Харам гулҳои поку нозанине....
Мисоли саг ту гӯйӣ баста бошанд
Ба ишқам дар ягон кунҷи замине.

## КӮР

Бароре, ки дар орзӯяш будем,
Наорад ба мо моҳи урдибиҳишт.
Надонам чаро аз ҳиҷои видоъ
Чунин талх гирям чу аз сарнавишт?

Гумонам, ки ошиқ шудам мағз-мағз,
Ҳаётам ба ҷуз ишқ навбад ҳаёт.
Дилам дар куҷо буд, вақте ки мо
Мулоқот кардем назди ҳаёт[1] ?

1. Ҳаёт - ҳавлӣ.

Ба сар парваридам кадом орзу?
Накардам нигоҳат, будам кӯри ишқ?
Ту гӯйӣ нигоҳат дар оташ тапид,
Бихандиду бигрист аз шӯри ишқ?!

Надидам мани кӯр ин гуна нур!
Кунун умре аз хештан норизо
Ба худ печаму мӯяму лаб газам –
Дар ин аст гӯё ки роҳат маро....

❂ ❂ ❂

Чи гуфтӣ, ҷони ман, нашнидамат ман?
Чи мегӯйӣ аз он дурӣ, чи донам?
Равам наздиктар бо ин баҳона
Ба китфу дасти ту дастам расонам.

Ту ин маккориамро карда эҳсос,
Таманнои диламро дарк созӣ?
Ва ё чун пеш андар синаи ту
Набошад рағбати ошиқнавозӣ?

Чи ҷойи лофу лаъбу истихора?!
Занам худро ба гирдоби балоят.
Чунон мустағрақи ин баҳр гардам,
Ки навбад бимам аз тӯфони даҳшат.

Накардам гӯиё ин доду бедод,
Бикуштам оташи уммедро ҳам...
Вале ту бо манӣ, не дар бару баҳр,
Чунонки будиям дар шодиву ғам.

Ман инро мекунам бо дида эҳсос,
Ман инро бинам андар чашмҳоят.
Ва хомуш менамоям оташи рашк,
Ки андар сина парвардам бароят.

## МЕҲР

Аз ишқ мегӯйӣ, вале
Андар дилат кин аз куҷост?
Гӯё ки танҳо қалби ман
Ҷӯёи меҳру силаҳост.

Чун бачча ман дилбастаам
Бар ту, аё нозукбадан!
Аз ногапиат бехудам,
Бошад талоқат марги ман.

Ҳар рӯзу ҳар шаб бегумон
Ташвиши ман ин асту бас:
Оё шукуфонӣ чу гул?
Хурсандӣ оё ҳар нафас?

Оҳиста гуфтӣ: «Ҷони ман,
Ман дар ту мегардам ҳулул» –
Хуфтӣ сипас андар барам
Чун хастаҷонони малӯл.

Оре, ҳаёт афсона нест,
Оё ту медонӣ, ки чист?
Меҳри ду дилро то абад
Дар хеш бурдан зиндагист.

## БО ХУД

Зиндагӣ бо худии худ олист...
Ман ҳам ин шомгаҳ ба маҳфили худ
Мезанам пушти по ғаму андӯҳ,
Менишинам ба сӯҳбати дили худ.

То нагирад дилам зи танҳоӣ,
То саҳар нағма мекашад борон.
Мавҷҳо мезананд бар бандар,
Фарши киштӣ шавад гаҳе ларзон.

Ман вале дар фалак кунам гардиш –
Байни истораҳо чу дар ҷангал.
Байтҳои нави сурудамро
Ахтарон мекунанд шеъру ғазал.

Субҳдам бозпас расам ба замин,
Рӯйи бистар чу мурдаҳо ғелам.
Лек оҳиста аз санавбарзор
Мерасад илтиҷои най форам.

Мерасад равшаниву торикӣ,
Мерасад он чи ҷони мо бе вай
Аз барои суруд натвон зист,
Гар кунад аз пасаш ҷаҳоне тай.

Нестам ман Худо, манам шоъир,
Дарди олам ба сина дорам ман.
Он гаҳе ки дилам бувад ошиқ,
Он гаҳе ки дилам бувад равшан.

## ГУМИ[1] ИШҚ

Нарезонӣ барои он ки оби чашм,
Насозад баҳри он ки ақл моро тарк,
Зи нав ман хомушам, хомӯш чун моҳӣ,
Бибахшо, мекунам хомӯш ҳамчун марг.

Ту аммо мекашӣ афғону ман бар шаб
Худамро афканам чун бар гуми дарё!
Ҳамон беҳтар, ки ту ёри дигар гирӣ,
Ҳамон беҳтар, ки гирам ёри дигарро.

1. «Гум» ба маънии қаър

❁ ❁ ❁

Пеш аз ин, ангор, чизе ман набудам,
Не будам машҳуру не шеъре навишта...
Ин шаби хомӯшро бо ҷеғи қӯёна
Ногаҳон бишкаст дар кайҳон фаришта.

Не, набуд ин тавр билкул! Гар будӣ ҳам,
Бедареғ аз ёд мебурдам камокам.
Бо ду чашми обиву лабханди ширин
Пеши чашмони манӣ дар хатти заррин.

Нест дардеву нахоҳад буд дигар,
То даме ки ошиқему оташиндил.
Дар ҷаҳон гар муъҷиза мехост Яздон,
Аз вуҷуди мо муродаш гашт ҳосил.

❁ ❁ ❁

Ростӣ, пинҳон намедорам
Ишқи пуртобу таби моро
Ин қадар пуртобу таб субҳе
Носуруда булбуле асло.

Ман ситода рӯбарӯи ту,
Ту ситода рӯбарӯи ман.
Ҳамчу хуршеди шафақхӯрда,
Ҳамчу сармои дарахтафкан.

Ростӣ, мо бол сабзондем,
Рӯ ба парвоз оварем, инак.
Синаҳо равшан зи уммеданд,
Нагзарад мӯ байни мо андак.

Лек он «инак» нахоҳад буд,
Боядо гардем рӯйи хок
Бо ҳамин мардум, ки ранҷуранд,
Аз алам, аз дарди бепажвок[1].

З-ин сабаб тангат ба бар гирам,
Карда ҳифзат аз дами сармо.
Зӯртар аз ишқи мо набвад,
Ҳар чи бошад интизори мо!

❂ ❂ ❂

На дар муҳаббату не дар ҳаёту не дар шеър
Маро набуду набошад ҳақи хато кардан.
Зи баски авҷи навои ҳаёт охир шуд,
Шуданд канда ҳама торҳои шӯрафкан.

Яку ду ё ки се рӯзи дигар, на беш аз ин
Дар ин замин бикунам зиндагӣ барои суруд.
Дигар – ману ҳама сардии осмони баланд,
Дигар – ману хамушии ситоразори кабуд.

1. Пажвок - акси садо

Гумон макун, ки пушаймон шавам зи мурдан, ман
Зи зиндагӣ биравам чун зи арсаи бозӣ.
Магар ки бохтамаш? Не, бибурдамаш, зеро
Ки ҷони аз тани ман рафтаро ту бинвозӣ.

❂ ❂ ❂

Чи зебост барги дарахти калин –
Ту гӯйӣ, ки дил нақш дорад дар он.
Ба оҳанги шабҳои гарми тамуз
Кунад васфи ӯ булбули нағмахон.

Кунам сила ин баргро нав ба нав
Ва аз ӯ бидонам, ки худ ишқ чист.
Нидо медиҳам бар ҷаҳони касиф,
Ки ҷовид зебоии зиндагист!

Ва дигар на андӯҳ бошад, на ғам,
Фақат ишқу меҳр асту ин ҷони маст.
Ту гӯйӣ, ки то дурии осмон
Ду-се гом мондан бароям бас аст.

## ВОХӮРӢ

Дидаам ман зиндагониро
Не зи пушти шишаи вогун.
Мағз-мағзи ман пур аст аз он,
Дар рагам ҷорист ҳамчун хун.

Ман зи қоъидоти ҷовидон
Ишқи худ нагзоштам боло,
Васф кардам бо ҳазорон лафз
Лек ҳусни маҳҷабинонро.

Инак, аз байни ҳазорон зан,
Ки зи ёдам бештар рафтанд,
Шеър гуфтам ман барои ту,
Эй ки афкандӣ дилам дар банд!

Сар зи хушбахтӣ ҳамечархад,
Шарбати шодист нӯши дил.
Гӯиё аз осмони дур
Муждае омад ба гӯши дил.

## АЗ ҲАМА ЗЕБО

Бигзор, чу зангула зи нав пурзанг
Бошам ману
сатрҳои ман ҳезум, –
Бишкаста ба вожаҳои рангоранг.

Ҳам сирри ҳаёт гӯиё фош аст,
Худ нест гуноҳ ҳам гунаҳ дигар.
Лекин зани аслӣ аз дигар занҳо
Сад бор бувад ҳалиму хушрӯтар.

Бо куртаи кӯтаҳостин ояд,
Ҳар гоҳ табассуми парӣ бар лаб,
Аз пой фитад рақиби бечора
Аз шиддати иштиёқу тобу таб.

❁ ❁ ❁

Ин манзарaро нигар, Худоро –
Гӯё ки бувад тилисми руъё.
Дар меғ дарахтҳои пурбарг
Ғарқанд чу дар фурӯғи хуршед –
Пеши назарам зи нав бирақсид
Он сурати орзуи бемарг...

Аз чаҳчаҳи булбулон чи гӯям?!
Дар ӯст талошу орзуям.
Он дилбари ман хабар надорад
Аз сӯзи дилу зи сози ҷонам!
Афсӯс, нигори меҳрубонам
Ин субҳ маро ба бар надорад.

## САНАМИ ТАСОДУФӢ

Чи гуна чашмҳои эзадӣ!
Чи синае, чи гуна китфҳо!
Намезанам валек чашмакаш,
Аз ин чи суд мерасад маро?

Валек боз ҳам кунам ҳисоб
Дақиқаҳои истгоҳи ӯ,
Ки мефарояду шавад бухор
Миёни издиҳоми сӯбасӯ.

Валек ман бимондаму чи монд?
Бимонд ишқи ноаён чу фан[1] .
Ҷамоли беназири хешро
Нишон надод беҳуда ба ман.

Бимон, ки ин санам чамад ба худ,
Ҳазор мард ошиқаш шавад.
Гарам зи бахти нек бахт нест,
Зи бахти бад чи сон накӯ бувад?

Ва шукр мекунам даруни дил,
Ки он зани тасодуфӣ зи сар
Наоядам дучор ҳеҷ гоҳ
Дар ин ҷаҳону он ҷаҳон дигар?

## ТӮҲФАИ НАФИС

Чи хубӣ, ки ман бо ту ҳастам,
Чи хубӣ, ки ту бо ман астӣ!
Ҷаҳон сӯзад андар шафаққҳо,
Ту гӯйӣ дили ман зи мастӣ.

1. Фиреб

Хаёлӣ манам, нобиға не,
Нубуғи саъодат ту бошӣ.
Ба миз аст густурда хоне,
Ки гӯё кунад нурпошӣ.

Шафақ дар ду чашмат бисӯзад,
Табассум – чу нури илоҳӣ.
Хаёлам на ту, балки булбул
Бихонад суруди пагоҳӣ.

Ту ин гуна ҳастӣ! Наояд
Ба мисли ту дигар ба олам.
Чаро ин атои Худоро
Чу девона дар хона дорам?

Бидеҳ сар ба озодӣ ӯро,
Бимон, ки ҷаҳонро бибинад.
Бувад шӯҳрату шаъни зан ин,
Ки ишқи абад офаринад.

❁ ❁ ❁

Фуникулёр[1] бибурдам ба само,
Пой бар абр худам бигзорам.
Паҳлу бар абр занам, то бӯсад
Нури хуршед сару рухсорам.

1. Вагони ҳавонаварде, ки одамонро ба пуштаҳо мебарад.

Ҷони ман, балки ту кардӣ таъхир,
Гунаҳи ман набувад, кун бовар.
Ки набудӣ туву оғӯшам кард
Беканории самои ахзар.

Ҳолиё низ расад бар додам
Боз ҳамбастагии хунии мо.
Кунӣ огаҳ зи заминам: «Ҷонам,
Нанихӣ як қадам аз абр фаро!»

Сипаси ин чи бувад? Кавкабҳо,
Ки якеаш бувадам кавкаби бахт.
Тахти бахти ту бувад ин ахтар,
Назди ман о, бинишин бар ин тахт!

❁ ❁ ❁

То ки гули ишқ нагардад хазон,
То нашавад толиъи равшан сиёҳ,
Шоми хуши ид таҳи шохи тӯс
Бӯса ситондем зи ҳам то пагоҳ.

Бӯсу канори ману ту пеш аз ин
Буд, вале дар таҳи тӯс он набуд.
Шояд аз ин беҳуда ҳам гоҳ – гоҳ
Гӯши ман аз ту гапи бад мешунуд.

Ғуссаи мардонаи ман мефузуд,
Ашки заъифонаи ту мечакид...
Будӣ аз ин пештарак дар куҷо,
Тӯс, аё сояи бахти сафед?!

❁ ❁ ❁

Тоқбозанд[1] шабон ойинаҳо
Ҳамчу ҷони нигарони ошиқ...
Субҳ бедор шавам ман хушбахт
Ҳамраҳи булбулакони ошиқ.

Месароянд чи хуш ин мурғон!
Ҳама эҳсоси дилам ашк шавад
Ва ба рухсори ғубайро[2] бичакад
Ва чу хун дар қаду басташ бидавад.

Оҳ, ин ҷоиза аз баҳри чист?
Шояд аз он ки биҷӯшидам ман
Дар ҳама ҳафт танӯри дӯзах
Ёфтам то ки макону маъман.

Чи занам фол, ки ин аст ҳаёт!
Кунам андешаи мурдан акнун.
То зи андӯҳи талафҳои гарон
Нашавам соъати маргам дилхун.

1. Тақбоз - пурра кушодашуда.
2. Як навъи гул.

Зиндагӣ пур зи талаф буду аҷал
Ададашро накунад кам ба ҷаҳон.
Булбулон лек сароянд чи хуш!
Ишқ – аз ишқ – рабудан натавон.

❁ ❁ ❁

Зиндагии азиз некӯтар
Мешавад он қадар, ки дил хоҳад –
Ё расидаст марги ман наздик,
Ё ба даст оварам ҳаёти абад.
Ҳасрати булбулон, бигӯ, аз чист?
Оре, аз ишқи осмонии дӣ!
Он ба ишқи заминиам пайваст,
Шуд суруди латифи хуршедӣ.

## РАҒБАТИ ШОЪИР

Рағбати бениҳояти шоъир!
Накунам ифтихор бо ту чаро? –
Ин туӣ равшании фаҷри шимол,
Нури уммеди роҳгумзадаҳо.

Бошад аз рағбат ин ҳама табу тоб,
Лек чун бар сарам ниҳодӣ даст,
Ҷони ман, аз ҳарорати дастат
Таби сӯзони ман фурӯ биншаст.

❁ ❁ ❁

Дар вуҷуди ту чи пинҳон аст,
К-он ба дард орад дилу ҷонро?
Бода шояд месазад хӯрдан,
Ё кашидан доман афғонро?

Шоядо! Дил ҷойи бозӣ нест,
Он чу равшанбини беҳамто
Ончунонат мекунад маҳкум,
Ки фаромӯшат шавад дунё.

Ҳоли ҳозир лек мехоҳам
Сар занам бар хаймаи ҷаннат, –
Он маконе, ки бадан ҳис кард
Бори аввал қудрати лаззат.

Ҳай забона мезанад оташ,
Сина месӯзад, занад дил гум.
Ошиқам ман, дӯст медорам,
Мекунам иқрор, эй мардум!

Ошиқам то рафтани нерӯ,
Ошиқам то ашки талхи ҷон.
З-ин сабаб хуршед тобон аст,
З-ин сабаб оташ бувад сӯзон.

Ишқ шӯхӣ нест, огаҳ бош!
Ҳам мазан беҳудаат ҳар сӯ.
Дил гаҳе шодасту гаҳ ғамгин.
Бо гуноҳи ту, гуноҳи ту.

❁ ❁ ❁

Партгоҳест зери пойи ман,
Дилам аз тарсу бим мемирад.
Бозгардад ҷаҳони бемаргӣ,
Рӯбарӯйи равон чунин шояд.

Садду ҳадро равон намедонад, –
Ӯст фармонравои бемаҳдуд.
Дил вале бозгашт мехоҳад
Ба канори латифи дилбари худ.

Мезанам хешро ба чор тараф,
К-аз фалак коми дил ситонам шод.
Ҳолиё ки раҳи фалак боз аст
Ва сари партгаҳ нанолад бод.

## ГУЛҲОИ АРӮСӢ[1]

Тирагии беохир мекунад даҳонаш воз
Дар тунели аз сардӣ ғунчагаштаи метро...
Ногаҳон расид оташ! Омадӣ ту, эй маҳваш,
Бо сафедаву сурма, рангу хатти хушоро.

---

1. Як навъи гул

Дар ду дасти ман бошад дастаи арӯсигул,
Бо ду дасти худ чидам ман барои ту онро.
Андар ин арӯсигул гӯиё бувад ҷонам,
Чун навои ҷовидон нашъа медиҳад ҷонро.

«Ассалом! Ту магар ҷинниӣ? Худо ҳофиз!
Ман наомадам ин ҷо назди ту. Маро бахшо...»
Ҷойи интизориҳо бошад аз азал метро,
Роҳи ошиқон ин ҷост – роҳи шодиву ғамҳо.

«Ту арӯси аз ман ҳам хубтар кунӣ пайдо...»
Бозгаштиву рафтӣ, роҳи ту дигаргун аст.
Эй гули арӯсӣ, ту будаӣ басе бадбахт,
Ман валек хушбахтам! Кори олам ин гуна-ст!

Лек дасти ман ларзид аз чунин ғаму андӯҳ,
Рехт дастагул ҳар сӯ рӯи саҳни бетонӣ.
Рехт бар сари ман ҳам ҳамчу хашми Аҳриман
Абри яъсу навмедӣ, тирагии зулмонӣ!

✿ ✿ ✿

Саҳар бархостам аз бистару дидам
Катонӣ курпаам печида бо сад то.
Чунон ҳам музтарибҳол асту пурандӯҳ,
Ту гӯйӣ тарк карда завҷааш ӯро.

Сиришки талх дар чашмони ман зад ҷӯш!
Навозиш курпаро кардам зи сар то по,
Чунонки завҷаамро сила мекардам.
Ва таскин додамаш: «Афғон макун, ҷоно!»

❁ ❁ ❁

Камар ба хидмати замона бастаӣ
Ва ё ки беҳуда занӣ газофу лоф.
Агар ҳақиқат аст байти тозаат,
Расад туро зи сарнавишт эътироф.

Ту раҳ гирифтаӣ ба сӯйи орзу,
Суйи ҷаҳони бекарону безавол.
Ҳисоби ин ҷаҳон шабонарӯз нест,
Ҳисоби ин ҷаҳон на маҳ бувад, на сол.

В-агар зи байти ту диле тапидааст
В-агар суруд гашту пар кашид ӯ,
Ҳақиқатест, к-он шифои ҷон бувад,
Ҳақиқате, ки номи ӯст орзу.

❁ ❁ ❁

Дар ҳота баҳор бишукуфад, лек
Дил тираву дида аст маҳзун.
Билло ба Худо, чу ғуссаи нанг
Аз дил наравад ғами ту берун.

Ӯро, ки бидодамаш ман озор,
Дорад чи нигоҳи ғуссаомез!
Хоҳам фиканам зи талхии он
Худро ба даруни оташи тез.

Шояд ки чунин набошад ин кор,
Торик бувад раҳи ҳаётам.
Ишқам зи бадӣ кашида сад ранҷ,
Шояд зи аҷал диҳад наҷотам?

## ЗЕРИ СОЯБОН

Ту бо манӣ! Бирезад оби чашм
Ва бо туям чу бори аввалин.
Ба зери соябони зулфи тӯс
Паноҳ диҳад ману туро замин.

Лабону дастҳо ба ҷойи ҳарф
Буванд тарҷумони шавқи мо!
Равад зи ёдамон азобу ранҷ,
Тамоми дардҳо шавад даво.

❂ ❂ ❂

Бод мегирад зи нав шиддат,
Ҳуштакаш чун нӯги сӯзан тез.
Солҳоям ноаён рафтанд,
Мекунам бисёртар парҳез.

Пойи худ санҷида мемонам
Дар раҳе, ки кардаам аз бар.
Мезадам ҷуфтак дар ин раҳ пеш,
Гарди поям мегузашт аз сар.

Ман аз ин пайроҳа ҳамчун барқ
Меҷаҳидам бо ду-се ҳаллос,
Соябони тӯс меҷустам,
Мезадам худро миёни ёс...

Рӯ дурушт аз шиддати сармо,
Гашта сурх аз бод чун лола.
Мешавад аккоси сагҳо суст
Бо гузашти бешаву ёла.

Омаданду гум шуданд инак
Аз пасам дилдодагони маст.
Ҷангалак, гарчи хатар дорад,
Чун ҷавонон хомушанд, амн аст.

❂ ❂ ❂

Вақте ки хоби ноз дар чашми ман нишаст,
Вақте ки ҳамчу маст афтодаам зи по.
Эй кӯршабпарак, махлуқи нимашаб,
Бо нолаҳои худ тарсон макун маро.

То бахти пурнишот – фарсангҳои дур,
Ғам пушти ғам вале хезад зи ҳар қадам.
Ман хастаам чунон, бишкастаам чунон,
К-андеша карданам бадтар бувад зи ғам.

❁ ❁ ❁

Даро ба тайгаву бишнав навои фотимачумчуқ,
Зи рангу бӯйи зимистон ба ҷони худ бифизо ҷон.
Ба шохаҳои пур аз зарқу барқ нуқра дурахшад,
Миёни ҳошияи зарҳалист барги дарахтон.

Ба осмон зи хушиву нишот ҷон бикашад сар,
Ба ҳалқаҳои муҳаббат бипечаду шавад афсун.
Чи хуш бувад, ки пазиро шавӣ ту шамси фалакро
Саҳар ба шохи гавазни зи тайга омада берун.

❁ ❁ ❁

Сухан тамом шуду хостам сукут кунам,
Сукут кардам... Аммо ту... ту вале, охир,
Чунин касӣ, ки ба гуфтор мурдаро орӣ,
Ки шодмон бисарояд суруд чун шоъир.

Даруни бешаи анбӯҳ мезанам худро,
Ки аз хамӯшии кайҳонӣ орамам як дам,
Валек занг телефони ҳамраҳам[1] бизанад
Ва боз бо ту кунам гуфтугӯй ин ҷо ҳам!

Агар ба сар бизанӣ ғӯта дар дили гирдоб,
Шино куниву расӣ то ба тирагӣ мадҳуш,
Натарс, моҳӣ агар оядат дучор, бидон,
Ки Эзад аз азалаш гунг офариду хамӯш.

1. Телефони ҳамраҳ - телефони мобилӣ.

❁ ❁ ❁

Зимистон бо сипоҳи анбуҳи сармо
Шикофад хонаро, ғалтонад одамро –
Набошад қуввае, ки роҳи ӯ гирад,
Вале ман то ки ҷон таслими ҳақ созам,
Таҳи ин тӯдаи барфӣ намеёзам –
Магар роҳи маро аз чор сӯ гирад.

Ба ҷуз мурдан агар тадбир дигар нест,
Суруди дил ба лаб мурдан чи хушбахтист!
Суруде, ки пари ӯ осмон сояд.
Маро аммо муҳаббат зинда медорад,
Ки ӯ дар сина хунамро ба ҷӯш орад
Ва дил як лаҳза аз таппиш наосояд!

Зи баддилҳо ҷудоям ишқ бинмояд,
Ҷасурам хонаду такдир фармояд,
Ки ман бо тустам то лаҳзаи вопас!
Ва ман бевазнтар аз пар фароз оям,
Ба кайҳони малоик сарфароз оям –
Ба бурҷи ҷовидони толъии ҳар кас.

❁ ❁ ❁

Дар ин халиҷ, ки андар ҳарими оромист
Ва дур нест дар он ғарқ шуд зи хушбахтӣ,
Зи нав муҳаббати худро гирифта дар оғӯш
Равам ба хобу фаромӯши дил шавад сахтӣ.

Бимон, ки хоб бубинам кабудии дарё
Ва парфишонии субҳи сафед ёғӯҳо[1] –
Хулоса, он ҳама чизе, ки ғуссаам бикушад,
Хулоса, он ҳама чизе, ки дилкашу зебо.

❂ ❂ ❂

Мешавам зиндагӣ, мешавам марг низ,
Баъд аз ин, бегумон мешавам кулли чиз.
Ё зи сифти[2] само мефитам вожгун
Дар хурӯши ғазал бо хурӯчу ситез.

Ман наварзам вале ҳеҷ гаҳ бо ту ишқ,
То абад, то абад дар шабони тамуз.
Ҳамчу барфе, ки он монда аз соли пеш
Баски бар қасди ман об гаштӣ ба сӯз.

Баҳс бо зиндагӣ аз хусуси ҳаёт
Ман наварзам, зибас бад ба мо мерасад.
Дар хушии касон баҳс ҳам норавост,
Баъди як дам аҷал чун фаро мерасад.

❂ ❂ ❂

Сар-сари амвоҷ ёғӯ ҳамчу рӯҳ
Мепарад танҳо барои субҳдам…
Партгоҳ аммо бичӯкад зери по-м –
Не бунаш пайдову не сарпӯш ҳам.

1. моҳихураҳо.
2. Сифт - қабати болоӣ, сатҳ.

Рӯзаке хоҳам ҳаёте бештар,
Як нафас бисёртар ҳам ошиқӣ.
Боз, аммо, боз мегардам зи нав
Зери бинишгоҳи чашми содиқе.

Кӣ туро озурд? Баҳри ман бигӯ!
Лек бош огаҳ, ки ҷурмам нест худ
Зиндагониро агар мағрурдил
Карда лаънат, хондамаш нафрину бад.

Хоҳӣ ар, тирам зи мижгон зан, вале
Зиндагӣ дар се санавбар раҳгум аст!
Мепарад зери саҳобу ҷӯяд ӯ
Дар баландии замин ҷойи нишаст.

❁ ❁ ❁

Дӣ гумон доштам, надорад дил
Эҳтиёҷе ба ҳеҷ чиз дигар.
Ман чи донам, аё ситораи ман,
Бе ту ҷонам чунин шуда абтар.

Рӯбарӯям кунун, ки партави туст,
Чун бубинам ду чашми ту хуррам,
Бикушад оташак маро, бигузор,
Лек маҳруми ишқи ту нашавам!

❁ ❁ ❁

Зиндагӣ ё марг? Оре, зиндагӣ!
Эй бародар, лек дорам як ниёз:
Бар фарозо ҷони худро хам мазан,
Ҳам мабар дар тирагиҳо бар фароз.

Он қадар аз марг ман дидам сиришк,
К-андарунам хун дигар ях бастааст!
Он қадар аз ҷони ман бигзашта дард,
К-ин танам хокистари шахбастааст.

❁ ❁ ❁

Не, булбулон набошанд
Инҳо, ки месароянд.
В-аз ошёнаи худ
Чаҳ-чаҳзанон бароянд.

Аммо ту, дилбари ҷон,
Бар ман чунон сароӣ,
Гӯё ки бе ту ҳеҷам,
Ё нест рӯшноӣ.

Оре, саро, азизам, –
Ман ҳам ба посухи ту
Аз бахти хуш сароям,
Бо қисматам кунам хӯ.

Он гуна сода, гӯйӣ
Ман нолаи кавирам.
Ҷисман агарчи хурдам,
Рӯҳан вале кабирам.

❁ ❁ ❁

Шаби бадхашм аз миён поён
Мефишорад маро, нафас танг аст.
Ту вале илтиҷо кунӣ хомӯш
Надиҳам то иродаам аз даст.

Ман тамоми рагу пайи худро
Мефишорам даруни мушти хеш –
Шукр, ин осмони тира дигар
Нашавад ғарқ дар сиёҳӣ беш.

❁ ❁ ❁

Неку бад зистем, то бикунем
Зиндагӣ бо саъодату шодӣ.
Узр, бояд ки ман равам аз ту
Ва ту ҳам рӯ ба роҳ бинҳодӣ.

Изн деҳ, то дами видоъ кунам
Бори дигар ба сина пахш туро.
З-ин ҷудоӣ маро макун маҳкум,
Ҳам аз он ки сафед шуд сари мо?

❁ ❁ ❁

Ин дард сабақ бувад бароям,
То фикр ба зиндагӣ намоям.
Зеро писари Худост танҳо…
Ҳарчанд табору хеш ҳастанд,
Афсӯс маро намепарастанд,
Ман ҳам назиҳам барои онҳо.

Ояд рӯзе, надонамаш кай,
К-ин роҳи заминиам шавад тай.
Ҷонро ба Худои худ супорам,
То ин ки дар осмони куҳсор
Ҷонро зи хатар бувад мададгор,
Аз дил барад изтиробу ҳам ғам.

Ҳоло набувад валек рӯзе,
К-аз бим расам ба некрӯзӣ.
Заҳре зи ҳаёт то бинӯшам,
Бояд, ки забон газида бо зӯр
Харро амакам бихонам, эй пур,
Хар ҳам накунад агарчи гӯшам!

❁ ❁ ❁

Зиндагониам чӣ бошад? Шаъшаъи пурхор!
Зиндагониам чӣ бошад? Тирагии тез!
Ман зи ҳамҷӯрии мусиқии кӯҳистон
Мешавам девона, хунам мекунад истез.

Марг аммо гӯядам: эҳё бишав, эҳё!
Зиндагонӣ гӯядам аммо: бимир инак!
Дил вале азбаски бедор аст аз илҳом,
Мезанад андар зарии[1] субҳдам ҷуфтак.

Ҷуз Худо дигар касе ин сӯву он сӯ нест, –
Оташи дил мекашад дар синаам туғён.
Марг ҳамчун зиндагӣ дар остон бошад,
Зиндагӣ чун марг монда пушти сар, ёрон…

❁ ❁ ❁

Ҷавобам деҳ, чи қадрам дӯст медорӣ?
Бувад дар ту ҳаёту марги ман, боре!

Надорам бовари андар адам зистан,
Вале ҳайҳот! Чун марг аст ворастан!

Ба гардун? Ё ба ахтархонаи афлок?
Ба бемаргӣ ило[2] ашки Худои пок!

❁ ❁ ❁

Гарчи сармо занадам субҳгаҳон,
Ашки шодӣ кунам аз дида равон.
Бизанад қатраи ашкам сӯсӯ…
Эй зимистон, ту фақат медонӣ
Лаззати рағбати искиронӣ[3]
Ва пайи бод ба рӯйи яхи ҷӯ.

---

1. Зарӣ - шафақ
2. Ило - то
3. Искӣ - лижа

Лек пойиз ба ман хуштарак аст,
Он замонест, ки дунё тарак аст.
Он замонест, ки аз кору сухан
Хаста гардида қадам мечинам
Бар сари барги хазони пурғам,
Лек монанди муҳаббат равшан.

Нахӯрам ғусса, ки бо рафтани сол
Бошад ором ва ё пурҷанҷол
Зиндагиям, – нахӯрам ғам зинҳор,-
Зиндагонӣ кунаму шукри Худо,
Бикашам роҳ дар ин тирасаро
Байни ин оташу дуди шаби тор.

❂ ❂ ❂

Замин дар хун, замин аст андар оташ,
Ғубори дуд дар саҳро пароканд.
Вале мо то абад бешарму бе ор
Ба ишқи хеш мегӯем савганд.

Ману ту аз дигар девона гаштем,
Кунад дар ҳар раги мо шавқ туғён.
Наметобад замин, не осмон ҳам,
Ҷаҳон гардидааст аз дида пинҳон.

Ҷазо бидҳад Худо моро ба маҳшар,
Намояд сангсор ин халқ моро.
Вале баъд ин ҳама бо мо диҳад рух
Ва шояд рух диҳад он гаҳ на бо мо.

❀ ❀ ❀

Ноладу афғон кашад дил, гӯиё зоғе
Метапад андар қафас дар рӯзи дафни ту…
Як сигоре – не варо партофтам дирӯз,
Аз сари нав боз сӯяш чун биёрам рӯ?

Осмонро карда яхбандон шаби сармо,
Оби дарё низ гармие надорад ҳеҷ.
Ростӣ, шояд ба ғубро[1] афканам худро
Бехато бар синаи пуркӯраки дарё.

Дил ба ҷунбиш ояду роҳи нафас гирад,
Лек ҳаройина чун боғи ғубайрозор
Изтиробу шубҳаву андӯҳу ғам як-як
То ба барги охирин аз сина афтад боз.

❀ ❀ ❀

Аръаронанд қад-қади ҷода,
Осмон, рӯдхонаву… тақдир
Чӣ баланду чи гуна ҷиддианд
Симчӯбони рострафта чу тир!

Арғавониву равшан аст ҳаво…
Аз баландӣ парӣ ту бо искӣ.
Гӯиё сӯйи ахтарони само –
Ҷонибі бегуноҳиву покӣ.

1. Ғубро - меҳ, меғ, кӯрак

Нест чизе дигар, ба ҷуз ғайрат, –
Метавон бурд рӯҳро аз ёд…
Нест чизе ба ҷуз саъодату бахт
В-орзуи ҳаёти хурраму шод.

❁ ❁ ❁

Музтарибу бимнок менигарӣ сӯйи ман,
Дар назарам мекунӣ оташи тезе хамуш.
Гарчи нагаштаст гум ахтари мифтоҳи бахт,
Занг набастаст лек қуфли дари бахткуш.

Гоҳ бисӯзад маро оташи ҷонсӯзи рашк,
Гоҳ чакад бар рухат ашки дилафгоркун.
Ҳасрату сахтиву ғам зиндагиат бе ман аст,
Лек чу бинӣ маро, турш кунӣ бесухун.

Бо гираҳи абрувон ман ба ту посух диҳам,
Рӯй биёрам ба худ – ёри ту бодо Худо!
Мову ту ҳарду вале зинда ба ишқем, ишқ –
Гарчи надонем ҳеҷ муъҷизаи ишқро.

❁ ❁ ❁

Лоақал бо як сухан баргӯй,
Ман магар бишкастаам паймон?
Гар набишкастам, чаро имшаб
Боз ашкам рехт чун борон?

Хоҳӣ оё бозиам дорӣ
Баҳри ҳар он чи накардам ман?
Ё ҳаметарсӣ, кунӣ иқрор,
Ки шудӣ бегона чун душман?

Ту хамӯшиву маро ғам нест
З-он ки ҷонатро диҳӣ озор.
Аз дурӯғ андар ҳаёти бад
Хомушӣ бадтар бувад сад бор.

## НОМА

Ғайриъодист ишқ ҳамчун нур
З-ин сабаб ҳам дар он ба сеҳргарӣ
Солҳои гузашта, умри равон
Рози сарбастаанд, чун нигарӣ.

Хурд чун нуқта ин ҷаҳони бузург
Дар гуми чашми зан гирифта ҷо…
Афв кардан тавон, ба дил кун раҳм,
Номаи ошиқӣ бикун иншо.

Гар парасту парад ба сӯйи ҷануб,
Бигузораш, ки пар занад ба ҳаво.
Чумчуқе бо суруди шӯхи шимол
Кард дар кунҷи синаат маъво.

# ПАРАНДАГОНИ АБАД

Парандагони абад мезананд пар ҳама ҷо
Ва нағмаҳои фалаксайрашон бувад илҳон.
Хамӯш гӯш диҳам, шуста зарфҳоро ман,
Ту гӯшашон накунӣ, шустушӯ диҳӣ тифлон.

Шудем кар зи садоҳои хирриву садранг,
Зи лаққиёни сақат дар харобазори ҷаҳон.
Зи жожхойии пайғамбарони танбалу пуч,
Ки карда мағзи суханро зи пушту рӯ вайрон.

Дилам саломату осуда зиндагӣ хоҳад
Дар ин сарои сипанҷе, ки пурсафедор аст,
Дар ин сарои сипанҷе, ки марҷумак рӯяд,
Дар ин чаман, ки биҳиштӣ зи атри гулзор аст.

Чу гард-гард расад з-осиёббони фалак
Наволае ба сари хони мо, чи хушбахтист!..
Парандаи абад, оҳ, эй парандаи абадӣ,
Дар андаруни дилам, ҳаббазо, надонам чист.

Садои соати деворӣ ояд аз кунҷе,
Даруни хона билағжанд сояҳо пасу пеш.
Ва шаб ба рӯйи кафам то саҳар ҳамедорам
Ҳамеша қабзаи мӯ – килки зарҳалии хеш.

❁ ❁ ❁

Света, Света, дилафрӯзи шом,
Зи сар то ба по озарахши саҳар.
Гувоҳӣ диҳанд ин дилу ҷони ман,
Ки бе ту бимирам чу бе хун ҷигар.

На, дил сусту ором хоҳад тапид,
Шавад боз бинотарам чашми сар.
Натобод шафақранг аммо дар он
Сиришки саҳаргоҳи ту аз дигар.

Нахоҳам дигар кард ҳис ҳамчу доғ
Лабони ҷигарсӯзат, эй маҳҷабин!...
Ба умрам набудам агар яквафо[1] ,
Шудам яквафо бо ту, эй нозанин!

❁ ❁ ❁

Боз хурдод асту дилҳо
Ташнаи ишқу сурданд.
Даъватам кун, то базудӣ
Наздат оям, эй шакарқанд!

Гар шафақ аз осмон рафт,
Ту шафақ андар заминӣ.
Бо ту танҳо бошад, эй гул,
Зиндагиро нозанинӣ.

---

1. Нафаре, ки як касро дӯст медорад. *(Сохтаи тарҷумон)*

Посухе деҳ, кун ишора,
Лоақал абрӯ паронам.
Ҷаннати ман дар само нест,
Бо ту ман ҷаннатмаконам.

❁ ❁ ❁

Гармои тамузи мағзҷӯшон
В-аз ҷониби рӯд мевазад бод...
Ту бо манӣ, эй нигор, аммо
Бошад ҳаракоти ту чи озод!

Ман фикри навозишат кунам кам,
Зеро кушадам дулоя гармо.
Ин нест магар, ки зишту бадрӯ
Дунё бинамоядам саропо?

Танҳо бинамоядам, на з-ин беш,
Коми дили мо барояд охир.
Нармии нигоҳи ту диламро
Аз синаи ман рабояд охир.

Монандаи сӯхтору тӯфон
Туғён бикашад ҳамеша дар ту
Ин ишқи чу нур ҷовидонам,
Ин меҳри паямбарона бар ту.

❁ ❁ ❁

Манзарае мисли аҷал тираранг
Хурд банохост ба чашмони ман.
Зилзила бар синаам афтод сахт,
Сӯхт аз ин захм дилу ҷони ман.

Оре, аз ин ҷо ба ҷаҳон рафта буд
Ҷанги табиъат ҳама бо одамин.
Буд таҳи дашнаи булдозере
Тепаи кӯҳе ба фиғони ҳазин.

Рӯд ба ин қисмати худ мегирист,
Доди шафақ гӯши фалак медарид.
Дарди замин буд ҳамин гуна сахт,
К-аз таби он пушти само мехамид.

Бин, чи сиёҳист саранҷоми кор –
Ҷумлаи махлуқ шуда тирарӯз.
Мурда ҳама чизи нахустофарид,
Гарчи аз ин дард биларзад ҳанӯз.

❁ ❁ ❁

Дилам пурхуну чашмонам пур аз об,
Вале мағлуб кардам дарди худро.
Баланд он гуна ишқи худ сутудам,
Ки Яздон ҳис намудам фарди худро.

Бувад ошиқ ба мисли кӯр, оре,
Чу сӯйи ӯ назар хоҳам яке он[1] ,
Ту гӯйӣ рӯзи тобистон чароғак[2]
Фитад дар остони навбаҳорон.

Чи суд аз марги зишти чун ҳаётам,
Муҳаббат то замоне ҳаст бо ман?
Фароз ояд равонам бар сурайё,
Ки гардад ахтаре тобону равшан.

Шавад ӯ ахтаре дар чархи нилӣ,
Бипошад ҷовидон нури саъодат.
Ва донад, чанд бояд дар Замин сӯхт
Барои нури бемарги муҳаббат.

## РОҲИ ХОНА

Дар тирагии сурбнамое зи дурҳо
Чашмак занад чароғи накушта ба сӯйи ман.
Ин аст хонаи падарам, гарчи куҳна шуд,
Лекин кушодааст дари он ба рӯйи ман.

Дар сангҳо агарчи хурам пешпойие,
Бо он чароғ ман накунам гум ин остон.
Раҳҳо баранд ҷониби хона тамоми умр –
Оре, ба хонаам бирасонанд як замон.

1. Он - дам, лаҳза
2. Чароғак - оташак, барқ

❁ ❁ ❁

Субҳ – хоҳам сафар ба дуриҳо,
Равшанӣ – сайри осмон хоҳам!
Гӯрканҳои дилшикаста, шумо,
Кори худро кунед бас як дам!

Гӯр кобед бар суғурҳо, ҳон!
Лек дилро зи бостонҳо боз
На як афсурда килки шеърнавис,
Балки доданд ишқу сӯзу гудоз.

Натавонад ба хандақи торик
Ҳар касу нокасе кунад гӯраш.
Ҷони ман, баски ман бувам дилдор,
Шодмон бошу дар барам мекаш.

Дар кафат қайчӣ асту мӯчинак,
Дар рагат хуни хашму мағрурист.
Дар тани навҷавони худ, лекин
Қалби пурсӯзро надонӣ чист.

Гӯрканҳои дилшикаста, шумо,
Зӯри беҳуда мезанед зи ҳад,
Нанамудед гӯр қалберо,
На пареро, ки субҳдам бахшад.

* * *

Пари сафедор, пари сафедор,
Сарам чаро шуд сафед имсол?..
Гузар намудам зи ҳавлият, лек
Шудӣ дучорам қашангу баттол.

Ду чашми мастат чунон дурахшад,
Ки равшанистон аз ӯст дарё.
Аз ӯст равшан тамоми тайга,
Чароғи хона, чароғи дилҳо.

Ба осмонҳо ниёишам буд
Даме ки чора надоштам ман.
Зи лутфи Яздон кунун ману ту
Шудем якҷон, шудем яктан.

На гул ба гулшан, на оби шаршар,
Фақат ту зебӣ диёри моро…
Пари сафедор, аз ин баландӣ
Бихон суруди муҳаббати мо.

* * *

Чанд рӯзи дигарам монда,
То кунам пар боз бар парвоз…
Пирии деринтизори ман,
Ку бубинам чеҳраатро соз!

Ҳар қадар ғамгину пурандӯҳ
Бар дили ман менамоӣ ҳам,
Боядо бар асли худ баргашт –
Назди Додори ҳама олам.

Пириамро мисли духтарча
Дар бағал гирам ва бо шафқат
«Алла, алла» хонамаш, шояд
Чашм бикшоем дар ҷаннат.

## НИЁИШ

Тарсам аз он ки бахти бад рӯзе
Дар шеъри ман гирад чу қотил ҷо.
Эҳё куну ҳифзу наҷоташ деҳ,
Ин ахтари субҳи муҳаббатро.

Аз вақти зоеъат макун ёде,
Бадтинатони зиштро бахшо.
Дар синаҳошон оташе афрӯз
Аз гулхани пурсӯзи ҷонафзо.

Дар кӯза гар ҷӯшад шароби ноб,
Дар рег ҷӯшад оби ҳайвоне –
Донам муқаддас ман туро, гӯйӣ,
Дар гушнагӣ чун пораи ноне.

❁ ❁ ❁

Зи саҳро омадам, гирондам оташ,
Бимондам чойник, чарбу бириштам.
Ва аспи зард дидам дар бухорӣ,
Ки мечасту шарар мерехт ҳар дам.

Зи талҳо бодҳо худро фикананд
Ба оғӯши ҳаво бо дарду ҳасрат.
Шуъоъе дар уфуқ як лаҳза рахшид
Ба мисли гӯшвори нуқрагинат.

Ба назди дар чаҳидам, то дароӣ,
Даро, эй тоҷи сар, бе истихора!
Вале ҷойи ту бигрифтам дар оғӯш
Шамоли барфолуде! Чӣ чора?

Ҳама шаб дар бухорӣ сӯхт оташ,
Дараш чун кайҳа[1] шуд сурхи сияҳгун.
Қариби субҳ аспи зардгун мурд –
Ва шуд хокистараш аз сина берун.

❁ ❁ ❁

Ҳаст ҷойе, ки Худованд нишонаш карда:
Ҳама орому зи шаш сӯй хамӯшист басеч.
Гӯиё ғайри ту дар даҳр дигар одам нест,
Дӯстат мондаву душман накунад ёдат ҳеч.

1. Кайҳа - як навъи рустанӣ.

Ёбам онрову… зи нав боз нимюшам он ҷо
Ман садоҳои шиносу шунавою фаҳмо:
Барфро муш шикофад, бисарояд чумчуқ,
Рӯбаҳе зери сиёҳии дарахтест баҷо.

Ҳаст ин гуна маҳал, лек дигар ҳам бошад –
Дар паси гардиши рӯди бафиғону исён,
Андар он ҷой, ки боди сияҳ меканд дарахт,
Ва паронданд батонро[1] ду-се марде тозон.

## РӮДАК

Рафтам сафари дур? Надонам, эй дӯст,
Бар пушт фиканда халтаи пур зи хурок.
Ҳамроҳи саги хеш бароям ба чаман,
З-он ҷой равам ба тӯсзорон чолок.

Дар ҳалқаи шохаҳо кунад бод сукут,
Гӯшам шунавад хамӯшии гӯёе.
Аз умри гузашта баргҳо ёд оранд,
Афтода бигӯянд, чи бошад фардо.

Пас лаб-лаби рӯдаке фароям бар рӯд,
Хамбам-хамбам, расам ба сифти буни он.
Онҷост гилу кундаву регу реша,
Онҷост сапедадам… На торикистон.

1. Бат - мурғобӣ

Худро ту макун шиканҷа, зеро ҳақ буд,
К-ин роҳи басо дароз бигзидӣ боз.
Ҷойе, ки кунад рӯдча шир-шир, дигар
Дар ҳеҷ маконе нашавад умр дароз.

❂ ❂ ❂

Абр аз пайи абр, мавҷ аз пайи мавҷ,
Шед аз пайи шед, моҳ аз пайи моҳ.
Заврақ биҷунбад, гаҳвора ҷунбад,
Хушкист наздик, шуд рӯз бегоҳ.
Не ғарқ гардӣ, не созӣ ишно, –
Хезоб гардон, ларзад дилу ҷон.
Гӯё занад шах зарбе ба ишкам,
Умрам сар омад, буду набуд он.
Бо ёғӯе абр гиряд ба афғон –
Як нимҷоне аз об раста.
Абр аз пайи абр, мавҷ аз пайи мавҷ,
Ин мулки аъзам гардид хаста…

## ДУБАЙТИҲО

Намемонам ба ҷо як санг бар санг,
Бикун бовар, аз ин ҳастии пурнанг.
Худовандо, маларзон панҷаамро,
Дубора гар кунам ин гуна оҳанг!

Света[1] ! Нури чашм, ин гуна дурӣ!
Бувад з-ин дуртар маҳро убуре…
Салиби худ кашам бояд сарафроз –
Кашам ҷабри вафоям бо сабурӣ.

Дар ин ҷо, дар дили Руси муъаззам
Чу хушбахтӣ саҳар хуршед рахшад.
Дар он ҷо ахтари афлок зинда – ст,
Заминро ранги лаълу нуқра бахшад.

Назар аз панҷара дорӣ ба анҷум,
Магар ман байнашон раҳ кардаам гум?
Чу равшанбин кунам бовар ба ин гап:
Макун ношукрии ин бода, эй хум!

Ба ҷон хоҳам, ки тахти сози бӯрон
Кунам худро дар оғӯши ту пинҳон.
Дар ин торикии пурбарф сӯзем
Зи ҳар як бӯса, ҳар шӯри дилу ҷон!

Паси тиреза тобад субҳи ҷовид,
Пайи баҳман қатори соя ҷунбид…
Туро ман интизорам, зуд баргард,
Ки рӯзи бозгаштатро кунам ид.

1. Света - ҳамсари шоъир *(шарҳи тарҷумон)*

# ПАРӢ

Ҳар рӯз, ҳар шаб ҳамҷону ҳамтан –
Ту дар ман астӣ, ман дар ту ҳастам.
Бошад агар кас марди ҳақиқӣ,
Ӯро муҳаббат созад муъаззам.

Шояд дар он сӯ, аз чашм ғойиб
Дар дашти пурбарф аз ӯ ту бошӣ,
То, ҷони ширин, эй ёри дерин,
Бо дарди ҳаҷрат ҷонам харошӣ?

Меҳрат ба ҷонам беш аст аз пеш,
Дорам туро дӯст, дигар чи ҳарфе!
Чун бо ман астӣ ҳамчун парие,
Гоҳе шавӣ об амсоли барфе…

❂ ❂ ❂

Ба чи кор оядам ғами дунё,
Он гаҳе ки зи пушти дурии дур
Мисли шоли ҳазорранга дамад
Бекаронии дигаре мамнур.

Нест он гӯшае, на бехабарӣ,
Нест он лоилоҷиву андӯҳ –
Бувад он чун макони Есенин
Бо ҳамон шеърҳои пур зи шукӯҳ.

Дар дили бешазори кукухон
Шумури солҳои умри туст,
Дар чаманҳо гулу гиёҳи қатор
Ва асалоруёни қобилу чуст.

Ҳама ҷовиду ҳар яке зи Худост,
Боядаш дил ниҳоду кард калон.
Бе маломат ҳаёт бошад сахт,
Мурдани бемаломат аст гарон.

❂ ❂ ❂

Бояд ки ман ин нақшро бозам ба мисли актёр:
Ҳазёни ақлу ин гаронҳарфии дилро нашнавам –
Бигзор, пас нолиш кунад ӯ баҳри озодии худ,
Онро, ки натвонӣ ба даст орӣ даруни беша ҳам.

Гар шахси дигар мебудам, сар мекашидам бегумон,
З-ин вохурие, ки бувад бо зиндагӣ, бо худи он.
Ҷойе, ки оҳангу навост, ҳам сӯзу сози шамъҳост,
Ҷойе, ки ҳарф аз ошиқӣ танҳо бигӯянд одамон.

❂ ❂ ❂

Бошӣ кушандатар аз теғ, эй ҳаёт,
Аммо ба сар туро абр аст бодбон.
Бовар кунад дилам бар зиндагии беҳ:
Ёбад наҷот даҳр – ман низ дар амон.

Ин гуна ман равам бе дам[1] тамоми рӯз,
Хамбам нишебро, оям фарозро.
Оғози субҳро наззора лаззат аст,
Дорад дилам ниёз аммо ба… мутакко.

Гӯё замин гаҳе дар зери пой нест,
Сифте, ки тифл ҳам муҳтоҷи он бувад.
Аммо дамид рӯз… в-аз нав ба зери пой
Сангу гилу шағал эҳсос мешавад.

Тақдири худ рақам улвӣ намезанам,
Товусу боли ӯ судам набахшадо.
Дорам умед лек: як рӯз хонаме
Бар рағми ҳосидон ман шеъри хешро.

Аммо ту огаҳам ҳар рӯз мекунӣ:
Оҳиста, эҳтиёт – дунёву кашмакаш…
Эй ёри қадрдон, ғамхору меҳрубон,
Шоъир намемурад пеш аз муҳаббаташ.

❂ ❂ ❂

Зиндагӣ қатра-қатра ҳамчун об
Меравад то ба рӯзгори азоб.
Пеш аз он ки зи раҳ равам ба канор,
Чашм пӯшам, расам ба олами тор.

1. Ба маънии бе танаффус

Гӯямат: дар шафақ тапидам ман,
Ком бигрифтам аз ҳаёту сухан.
Гӯямат… лек гӯйӣ аз шаби тор
Дар дилам тарс мешавад бедор.

❁ ❁ ❁

Ҳеҷ гоҳ ин қадар ғаму андӯҳ,
Ин қадар изтиробу ғусса набуд!
Зуфро боядо, ки пайдо кард,
Оварад то азоби дард фуруд?

Пар кашад қоқуву намегӯяд,
Гули бобуна дар чаман хомӯш.
Киштаҳо ҳам намедиҳанд ҷавоб,
Чунки доранд ҳафтранг ба дӯш.

Мепарад селаҳои мурғобӣ…
Тирамоҳо, бикун дилат холӣ.
Байни гулҳои зерибарфӣ кун
Чун ғубайрои сурх хушҳолӣ.

❁ ❁ ❁

Бошад ҳаёти бигзаштаи ман
Як ҷӯ саъодат, як ҷӯ аламҳо.
Ё хонае буд матруку торик,
Дар анкабуташ бинҳуфта ғамҳо.

Аммо замони нав аз такаббур
Бо тарзи дигар дорад мунодӣ.
Гӯям бароят: «Садҳо ташаккур,
Эй зиндагонӣ, будӣ ки будӣ».

Гар лонаашро бинҳад ба пастӣ
Боре, уқобаш дигар нахонам…
Бад метавонам дидан касеро,
Нодоштан дӯст ҳаргиз натонам!

## ГАРМӢ

На тирамоҳ, на зимистон,
Чӣ фасл? Ном надорад.
Зи баски фикр бувад кунд,
Варо кӣ ном гузорад?

Магар ки рост бигӯянд,
Ки дузд бурда зимистон –
Чу панҷа шохи дарахтон
Зи ҳотаанд авезон.

Сабук хиширраси барг аст,
Кабуд обаки дарё.
Ту, одамак, чи кунӣ гиҷ
Ба беҳуда сари худро?

Ба гоҳи риштарошӣ,
Магар ту субҳ бидонӣ,
Ки мӯҳлати кӣ сар омад,
Чӣ зояд ин шаби сонӣ?

Бихӯр ғами зану фарзанд,
Чу ғайрат аст, бихӯр май.
Бибанд ойинаҳоро
Худой донад то кай?

## ТИЛОИ ДИЛ

Ишқ парвардаи шикоят нест,
Буд андешаам чунин, аммо…
Гоҳ дар ҳавзи оби чашмоне
Метавон дид шаъшаъи дилро.

Ҳамчунон хӯшаҳои пурмағзанд
Тарҳи рухсораҳои бишкуфта…
Ва дар аснои авҷи хомӯшӣ
Дили мо рози ногаҳон гуфта.

Зиндагие дигар табассуми туст,
Мепарад барги тӯс агар,
Ба алам,
Ҷони ман, гиря мекунӣ, боре,
Бичакад оби дидаи ман ҳам.

❁ ❁ ❁

Кучо донистаме, ки мешавам пир,
Ва созам илтичо назди Худованд:
Мабодо лаҳзае раҳмат шавад кам,
Раво дорӣ ба чонам дарди фарзанд!

Вале нохост ҳамчун сурби тафта
Ва ё чун таркише бадбахтӣ омад.
Гиреҳ баста сухан андар гулӯям,
Дилам гардид сардистон аз ин бад.

Нигаҳ торик, лабҳоянд ларзон,
Кафи сардам барорад об ҳар дам.
Гузаштам ман аз обу боду ғубро,
Кунун дар оташи сӯзон дароям.

## ЧЕҲРА

Дар зулфҳояш испарак,
Ҳам тугмагул, ҳам шаҳдбӯ.
Ҳаргиз намегардад куҳан
Чити тани гулранги ӯ.

Дар байни тӯсон ӯ сафед,
Байни ғубайро сурх вай.
Гаҳ оташак, гоҳе саҳоб,
Гаҳ марғзори қулфнай[1] .

1. Қулфнай - тути заминӣ

Сар мезанад бар зонуяш
Боде, ки аз раҳ бигзарад.
Мардум давад бар кӯчаҳо,
То ҳусни ӯро бингарад.

Дар оташу дар ҳафтранг
Тақдири ӯ бошад аён.
Зеро баланду равшан ӯст –
Зеботар аз зеботарон!

Дар ин ҷаҳони пургуноҳ
Ҳайф аст ин гуна парӣ:
Дар шоҳроҳ – ӯ шаҳрванд,
Дар кишта деҳқондухтаре.

❂ ❂ ❂

Боз сармои сахту меғи захим,
Чи ҳаловат диҳад бухории гарм!
Дам кашам то ба бун ман аз соғар
Оташеро, ки дил шавад з-ӯ нарм.

Ҷони ширин! Макун маро маҳкум,
Ман дар он дурии паси зулмот
Метавонистамат фақат бикунам
Пахш бар синаам чу бахти ҳаёт.

Он якеро сазои бахт бадист,
Дигареро зар асту хушнудӣ.
Ман вале додаам ба тӯфон дил,
Ҷигарам сӯхт доғи нобудӣ.

❂ ❂ ❂

На маҳ, на ахтарон, на офтоб,
Вале зи тӯсҳост равшанӣ…
Аз ойина назар кунам гаҳе
Аёсро ба кӯю барзане.

Гапе, ки паст гуфта мешавад,
Зи дурҳо аён расад ба гӯш.
Вале ба гоҳи ҳаҷр зора ҳам
Кунӣ агар, бувад ҳама хамӯш.

Мани ҷунунзада бар он будам,
Ки мешавад ҷаҳон ба коми ман, –
Ва хостам, барои як зане
Шавам азиз байни анҷуман.

Ҳар он чи хостам, нашуд, нашуд,
Чунин қазо бувад, чунин қадар.
Бимонд аз ин ҳама зи чашми ӯ
Даруни сина шуълаи назар.

❂ ❂ ❂

Ин аст обутоби худовандӣ, –
Даймоҳи сарди лонаи яхбандон:
Бо шӯша пӯстро биканад аз тан,
Гардад бино зи сардии ӯ ларзон.

Ҳавр аз нафас чу дуд занад ҳалқа,
Зери қадам ҳаво шиканад гӯё.
Хойида буттабеди лучакро бод
Биспорадаш ба шуъбадаи сармо.

Дар абрувон хамида қирав чун хор,
Андар танӯри сина кунад ях дуд.
Болои сар сафед дамад хуршед,
Дар осмони тозаи ниландуд.

❂ ❂ ❂

Аёси аввалу ошӯби обон
Хазонро ҳар тараф карда парешон:
Дарахтон – идҳову сол – беша,
Намуда бодҳошон суст реша.
Шуморам як ба як қурбониамро,
Бидорам шохаи аз бод хамро.
Бидорам шохарову ёд орам
Садои мурғакони субҳ форам.
Ду субҳи босафо бонги гавазнон,
Тулуъе бо ғуруб афтода яксон.
Пас аз пойизи Рус ояд зимистон…
Набигзорам зи каф ин шохи беҷон.

❁ ❁ ❁

Зангбаста рӯзҳои моҳи шаҳревар
Пӯсти рӯбаҳро бар тан кашида боз.
Бодҳои яхнафас аз рӯди шабхангом
Медаранд онро, ту гӯйӣ, бо дами миқроз.

Мавҷҳои кафколуда фароз оянд –
Мешавад испед ҳам пушти лабони рӯд.
Норизо, бешубҳа, аз ҳамсоягии худ
Баргҳову барфҳо бошанд хашмолуд.

Аз дами бӯрони даҳшатноки пойизӣ
Мефитанд аз по дарахтон – маҳшар аст ин рӯз!
Дар набарди тан ба тан, албатта, бо тундӣ
Лашкари қаттоли бӯрон мешавад пирӯз.

Ҳар садои зиндаро хомӯш бинмояд,
Сустқалбонро кунад дар баҳри даҳшат ғарқ.
Чун сурӯши дарди ҷон кандан, заъифу талх
Нӯлаҳо ояд бурун аз симҳои барқ.

Хокдон холист. Одам низ холӣ аст,
Кундазоре киштзори зиндагӣ шуд, бин.
Дар бисоташ ин қадар зар дошт ин пойиз,
Дода будам ваъдаҳои ин қадар заррин…

❁ ❁ ❁

Охирин куку занад ку-ку,
Бекарон ойинаи пок аст.
Шах шуда паҳлуи ман дайре,
Ҳар салибаш тири афлок аст.
Умри боқиро набишморам,
Зиндаам имрӯзу мамнунам.
Меравам бар бешазори дур,
То дар он осуда гирам дам.

Мезанам паҳлу дар ин роҳат,
Нури анҷум чашмам осояд.
Куку аммо мешуморад сол…
Дӯст дорад зиндагӣ, шояд.

❁ ❁ ❁

Хуш бувад зиндагӣ дар ин дунё,
Ба Худо, ин қадар хуш аст ҷаҳон:
Боди сӯзони тунд шуд ором,
Об гардид барфи овезон.

Коҷ ҳамчун арӯсакон овехт
Муҳраҳо аз гули сафед ба тан.
Тайгаи беканор ҳам бикшод
Сӯйи нури ситора боғу чаман.

Ва хамӯшист – то ба гардунҳо,
То замин – орамидаву ором.
Ғусса хӯрдан чи кори бемаънист,
Хоса имшаб, ки лаззатест тамом.

❁ ❁ ❁

Донам, ки ин иттифоқ афтад,
Гуфтанд туро, ки инчунин кун.
Аммо ману ту ҷудо нагардем,
Ин нест ба ҷуз даме тафанун.

Баҳри чи ҷудо шавем, охир,
Вақте ҳама ҷо зи субҳ рахшон
Шед асту таронахон бувад мурғ –
Гар ғусса хӯрӣ, наӣ ту инсон!

❁ ❁ ❁

Аз муҳаббат шабон ҳамеларзӣ
Ва маро мекунӣ аз ин огаҳ.
Кокули офтобранги туро
Мезанам ҳалқа-ҳалқа печу гираҳ.

Маҳ дурахшид дар миёни саҳоб,
Боз гардид лаҳзае пинҳон...
Ба Худо, ин қадар туӣ нозук!
Ба Худо, ин қадар туӣ фаттон!

Ман ҳарисона чун ҳаво бикашам
Ҷӯяҳои нафиси мӯятро
Ва бигӯям, ки дӯстат дорам,
Эй маҳи ман, чу офтоби само.

Бигзарад лаҳза ё ки ҷовидон –
Рафтанашро намекунем эҳсос…
Ин ҳама чашмбандие бошад,
Соҳириест, эй авомуннос!

## ДИГАРГУНӢ

Ман чи шодам аз ин дигаргунӣ! –
К-омадӣ назди ман ба пойи худат.
Чашмҳоят зананд барқ ба шавқ,
Дар лабонат табассуми фарҳат.

Магаро муъҷизоти пурбаракат
Хирадатро чунин мунаввар сохт.
К-ин чунин зуд булбули дили ту
Дар дилам ошёни ишқ андохт.

Метавон миллион савол ба худ
Дод ҳар рӯзу ҳар шабе сад бор.
Натавон лек саҳлу сода дигар
Кард тақдири хештан зинҳор.

Он заноне, ки аз накӯии бахт
Карда бошанд қалби мо тасхир,
Ҳама аз раҳмати Худованд аст,
Ки ба мо мешаванд ҳамтақдир.

Ва – бибӯсам ду дасти нозуки ту,
Ва – кунам аз муҳаббатат мамлӯ.
Ва – барам дарду ғуссаро аз ёд
Бо ту танҳо, фақат, фақат бо ту.

## МАҲЛАБ[1]

Ин шаби тирамаҳ, шаби торик
Гирудори сагон нагардад паст.
Риштаи тираранги пурхаму печ
Боз бо ёдҳо маро пайваст.

Дар кучое ба зери меғи баҳор
Маҳлабам буд доимо гулбанд.
Шингиле з-он ба дилбарони худ
Дӯстонам чу ҳадя мебурданд.

Чашмакӣ мезаданд ҷониби вай,
Ки дили ошиқон ту медонӣ.
Мешикастанд шохаш, аммо ӯ
Боз мекард беҳ гулафшонӣ.

Ман гирифтам чу раҳ сӯйи пойиз,
Дар паси ман ба хашму бо тундӣ
Бод зад чанг бар тани маҳлаб,
Кард ӯро чу шоли ҷулхундӣ.

1. Як навъи дарахт (черемуха).

Боз истодаӣ, ҳанӯз бувад
Чашми хоби ту интизори баҳор.
Ту валекин шудӣ талаф, маҳлаб,
Донам инро зи ҳар касе бисёр.

❂ ❂ ❂

Он чи шуд, буд идомаи даврон,
Ё ки он буд шояд оғозе
Авҷи бишкуфтани ҷамолатро,
Ки намондаш на баргу на созе.

Инчунин зузанаб ба авҷи само
Сӯзад оҳиста сокиту хомӯш.
Дили ӯ дард мекунад танҳо,
Дили ӯ талх мешавад мағшуш.

Пуштхам рӯйи мех палто аст,
Буд оғози рӯзи ҳаҷрат бад…
Ва бидонам аз он замон, ки яқин,
Ҳар чи месӯзад, ӯ намегиряд.

❂ ❂ ❂

Умрам ба чил омаду кунун танҳо
Донам, ки чу офтоби бегоҳам.
Донам, ки ҳар он чи додаам аз даст,
Қадраш зи ту ҳам набуда як мӯ кам.

Охир, зи чи ин ҷабини зебоят
Бо ашки равони шашқатор оғушт?
Онро натавон фишурд андар дил,
Онро натавон фишурд андар мушт?

Оре, чи хушо, ки нестӣ бо ман,
Чун дард шудӣ зи батни ман берун.
Ҳар ришта, ки бо туям кунад пайванд,
Бояд ки фақат манаш канам акнун?

Ҳар ришта пуле буду ҳамехобид
Сар то сари ботлоқи мардумхор,
Бингар, зи замину то замин бо он
Ишқ ояду мекунад маро ночор.

❁ ❁ ❁

Дар паси панҷара шавад равшан
Мисли ранги тамашк[1] чашми ғуруб.
Гузаранд абру бод аз бари ман
Шодам, аз дидани ту, эй маҳбуб!

Ба ман ин дам зи дарду ғусса магӯ,
Дарду ғам буду кун тамошояш:
Севғарҳо[2] ба шоха нӯл заданд
Ҳамчунон меваи ғубайрояш.

1. Тамашк - як навъи меваи ҷамсахт
2. Севғар - номи парранда (снегир)

Дӯстам дору бош дар бари ман,
Он гаҳ ин зиндагонии ман ҳам
Шавад аз орзуи зебо пур –
Ба ту, яъне, таронае бахшам.

## ВАЪДАИ БАХТ

Бар хоби марғзор дар ин ҷангал
Андӯҳ зангула занаду мӯяд.
Ин моҳи охирини зимистон аст,
Исфанд охири раҳи худ пӯяд.

Фасли баҳор дер расад имсол,
Сардии наврасидаи саргардон
Урдибиҳиштро написандад ҳеҷ,
Бо ях намуда роҳи варо бандон.

Аз ҳам ҷудо шудем маҳи хурдод,
То шабнами зулоли саҳаргоҳон.
То он тромвойи нахусте, к-ӯ
Бонге бизад чу тундари барқафшон.

З-он дам гузаштааст на солу моҳ,
Бигзашта балки зиндагие ҳоло.
Бо ғижғижи аробаи вазнинрав,
Бо рақси бели чобуки завраққо.

Кардем иштибоҳи дағал ҳар ду,
Ин ҷо на ҷурми ёру на ағёр аст!
Помоли барфтӯда нашуд хурдод,
Моҳе, ки чашми мо ба раҳаш чор аст.

❁ ❁ ❁

Аммо агар зад табли осоиш бароям шеър,
Дигар набитвонад маро бардоштан бар по,
Ширинтар аз ҷонам, ту бош андар барам, боре,
Осон набошад ҷон супурдан бар мани танҳо.

Афғон макун, лаънат махон тақдири бадро ҳеҷ,
Биншину бингар, дар барам орому беово,
К-ин рӯзҳои беқарори ман чи сон ҳар дам
Гарданд нопайдо миёни меғу боронҳо.

Чун вопасин дам тарк бинмояд вуҷудамро,
Монанди абри парниёнӣ дар сафои рӯз
Оҳиста бо ангуштҳои парниёниат
Мепӯш чашмони маро, эй завҷаи дилсӯз!

❁ ❁ ❁

Дӯстам гум шуду зани ман рафт,
Дар дилам кашмакаш, низоъу набард.
Шеърҳоям даруни он доранд
Сӯзишу дарду дарду сӯзишу дард.

Ман валекин фақат, Худо шоҳид,
Хостам бошитоб дил бозам
Ба лайи коҳу вусъати саҳро,
Ба варои ситоразор, қасам!

Оҳ, ин киштзор, ин кишта…
Ман дар он ранҷ бурдаам бисёр.
Андар ин киштаам намерӯяд
Хори каррок – тухмаи беор.

Зани ман рафт, дӯстам гум шуд
Сангдевор дар миён афтод…
Ман вале қалби худ накардам гум,
Ки кашад дард дар дилам фарёд.

❂ ❂ ❂

Паҳлу задаам, зи даҳр дилгир –
Аз ёд бибурдаам туро ҳам…
Ишқи ману ту дигар сар омад,
Бахшой барои ман, азизам.

Ин кулбачаҳон бувад гаронсанҷ,
Бе ишқи ту ҳам маро зи ғам кушт –
Чанде биравам ба дашту ҳомун,
Шояд ҳамаро кунам фаромушт.

Беш аст раҳам ба ҷониби кӯҳ,
Рӯ ҷониби шеб камтар орам.
Беҳуда занӣ ту такя бар ман –
Беҳуда туро чи дӯст дорам?

Мо кистем, ростӣ, кӣ? –
Пинҳон агарему ошкоро?
Монанди ду соҳили як обем,
Ҳарчанд як аст бистари мо.

❂ ❂ ❂

Талхширин бӯйи явшон аст,
Бӯйи навзод аст тимёнро –
Гӯиё дунё ҳама тинҷ аст,
Нест охир лаззати ҷонро.

Чун чалипо дастҳоям боз,
Дар ду чашм оромии дарёст.
Ин замин гӯё барои ранҷ
Андар онон ҳамчу ахтар ҷост.

❂ ❂ ❂

Ҳарчанд ки жола зад бад-ин сахтӣ,
Барге фари навбаҳор нашкаста.
Ҳарчанд ки табл мезанад гардун
Бо лашкари абрҳои вораста.

Дар рӯди муҳаббатат, азизи дил,
Мондаст гузаргаҳе ба ман оё?
Озодии хешро чу банди ту
Ман ҳифз накардам аз хиёнатҳо.

Дар чолаи обҳо қадам монам,
Ҳар барги дарахт мезанад чӯбак.
Аз он ки ҳанӯз ишқи ман зинда-ст,
Ҳар дам батар аст ҳоли ман инак.

## ГУЛПАРАК

Буданд, оре, рӯзҳо! Шабҳову шабҳо ҳам!
Рузону шабҳое, ки мезад сар аз онон чарх,
Ҳар сӯ парокананд чун фарёди зоғие[1] ,
Ҳам осмоншон бишнавад, ҳам сабза ёбад барх[2].

Инак, намедонам, ҳақиқат буд ё пиндор,
Як нозанини симтан дирӯз аз айвонаш
Сӯям табассум карду ҷонам сӯхту бо ноз
Рӯмолакеро ҷонибам афшонд пурасрор.

Гӯё дилам аз ғуссаи дунёст обистан!
Рафтӣ агар аз ман, бимирам аз фироқи ту.
Ман бо ту танҳо по ниҳам бар сӯйи бемаргӣ,
Боқӣ ҳама бошад дурӯғу лофи беҳасту[3] .

1. Зоғӣ - акка
2. Барх - бахра
3. Ҳасту - маънӣ

Бошо, мабодо сар занад андӯҳи бепоён,
Барбод уммедам мадеҳ, то бо сарафшонӣ
Аз ҷовидониат рабоям дар канори худ,
Аз панҷаи маргат раҳо созам ба осонӣ.

## ВОХӮРӢ

Зад духтарам чун гулпарак
Аз дар ба хона парпарак,
Дар чеҳра – нақшаи офтоб.
Қум-қумкунон чун кафтарон
Бӯсида моро, армуғон
Бидҳад шайи[1] бозичабоб.

Пас мешавам бисёр шод:
Бар духтарам аҳсант бод, –
Аз қисмати донишварон
Ҳар он чи гуфтам-ш аз зиқӣ,
Модар – зи меҳру содиқӣ,
Фаҳмидааст ӯ бегумон.

❂ ❂ ❂

На аз бахти бадам, бал аз саъодат
Ба ман ин баҳрро дода Худованд –
Ба мисли бодаи равшан, ки аз он
Шавад аҳли тараб махмуру хурсанд.

---

1. Шай - чиз

Ман аз дарёнавардӣ хаста гаштам –
Ба лангарҳо шудам дилбаста ҳоло.
Дар он ҷойе, ки бо дарёнавардон
Гирифтам ҷашн рӯзи зоданамро.

Нишаста бар сутуни пеши бандар
Назар созам ба дурии пурасрор…
Намесӯзад дилам бар ҳеҷ ашё,
Набошад ҳайф дар раҳ ҳеҷ очор.

На орому на исён, на ситеза,
На илҳому на меҳру не муҳаббат.
Зи бас бо ман бувад умри гузашта,
Надорам лек аз оянда ҳасрат.

«Худо ҳофиз» – кӣ гӯяд лек бар ман?
Кӣ гӯяд «алвидоъ» аммо бароям?
Бувад пероманам меҳру муҳаббат
Ва аз илҳоми беҳад пурнавоям.

Зи сабқатҳои худ амвоҷ бо бод
Шуданд афгор чун аспони тозӣ.
Ту гӯйӣ, баҳр андар зери поям
Мисоли сагча хуфта баъди бозӣ.

❂ ❂ ❂

Мебарад мавҷ завраҷе бар дӯш
Бо ҳаёҳӯйи ёғӯи чолок.
Кафки ҷӯшон ба лаб, ҳамелесад
Нуқрагун реги дона-донаи пок.

Кӯлҳое аз оташу зи ҷило.
Дар қиём офтоби пуранвор.
Шаҳр монанди кошии заррин,
Ҳар хаташ қисса, ҳар рахаш гуфтор.

Хаста гардида аз талотуми мавҷ,
По ниҳам дар тамуз ҳазёнӣ.
Атри шаббӯву накҳати мино
Кунадам маст дар гулистоне.

Пур шудастам аз интизориҳо,
Интизорам. Чиро? Намедонам.
Мекунам боз вохӯрӣ таъин –
Боз вохӯрданаш наметонам.

Лек, эй ҳодиса, бикун исён,
Талабам кун, бикун талаб ту маро!
Чунки моем – ду садои Рус:
Ман бигӯям зи ишқу ту зи фано.

❁ ❁ ❁

Вақте ки фаро расад ғурубат,
Аз додани қарзи худ бикун ёд.
Бардеҳ бунаку маъоши худро,
Ҳам мӯзаву шим боядат дод.

Худро ҳамагӣ ба тангае деҳ
Баҳри нафасе, барои як дам.
То зиндагиат кашад ба тӯле,
Чун барги хазон, ки нест муҳкам.

Аммо чу замон сар омад, инак
Афтод ба оташе ғубайро.
Сӯзанд зарангу ларгу шамшод,
Барфи сари кӯҳу оби дарё.

Афшонда зи бол дудреза,
Гӯё ки зи бӯйи кӯрдуде,
Болои яхи камоб дарё
Фарёд кашад як исфируде[1].

❁ ❁ ❁

Гармӣ андар ҳаво ба ҳар сӯ рехт:
Ғунчаи тӯс зад гиребон чок,
Пахтаи меғро гирифта шафақ
Шишаи кӯлро намояд пок.

1. Исфирӯд - як навъи парранда

Ҳар куҷо нағма мекашад дурроҷ,
Параш аз офтоб мерахшад.
Гаҳ ба нури зарии субҳдамон,
Гоҳ нилӣ чу об мерахшад.

Партави зарҳалии ниландуд
З-осмон бар замин фавора кашид.
Мисли шодии асри бигзашта,
Мисли ҳисси иродаи ҷовид.

Шуда бар зинапояи ҷунбон,
То миёнам бараҳна, истодам.
Нури заррину бодаки айёр
Бинавозанд китфу рӯ ҳар дам.

Нест бовар маро, ки фасли шито
Мисли ханҷар буранда буд аёс.
Ва дили тангу пур зи ҳасрати ман
Буд ях то ба охирин эҳсос.

Чун пазиро шудам баҳори навин,
Бори аввал ҳамекунам эҳсос:
Дар ҷаҳон, ҷуз шафақ, дигар ҳамаро
Мекунам лаънату надорам пос.

❀ ❀ ❀

Меравад аср пештар ҳар дам
Рӯдҳоро намуда пастобе.
Абрро дар ҳарири об кашад
Ҳамчу дар гоҳвораи бобе.

Бар ман аммо азизтар аз барф
Резаборону сардии хушканд.
То ба ҳоло ҷавон манам, яъне,
Мурғи дил мепарад ҳанӯз баланд.

Зиндагонӣ хиҷил нахоҳад кард
Дар ягон соъати заъифиям –
Ҳам саворам кунад ба аспи сафед,
Ҳам диҳад парру боли мустаҳкам.

❀ ❀ ❀

Ҳар шоми расида барф афзояд
Бар лонаи чун кулоҳи Мономох.
Аз нури ситора бӯйи дуд ояд
Дар бардамаи[1] чайла чу аз таббох.

Аз гӯша ба гӯша кӯлҳо пуроб,
Бо рӯд баробаранд соҳилҳо.
Бо барфнигораҳои фасли дай
Ҳар беша ҳикояте кунад бар мо.

1. Бардама - оташдон, бухорӣ

Гӯё ки на бодҳои наштарзан,
Не сардии хушк нест ваҳмангез.
Хоб аст ба маҳди арча гӯё ҷон,
Бинад ҳама хобҳои тӯсомез.

❁ ❁ ❁

Барам зи ёд ҷаҳоне, ки рӯзи нек дар он нест,
Ва он замон бикушояд маро тамомии дарё.
Кушоядам ҳамаи ҳусни баҳрро, ки ба умқаш
Шаванд об ғаму ғуссаҳои ин ҷигари мо.

Чу оби охири дарёст гарму нарму гуворо
Ва нури рӯз шарарбор мерасад ба буни он,
Ба бӯстони пур аз булбулон назар чи кунӣ, чун
Зи обсабза шавад сабзтар нигоҳи ду чашмон.

Нигар ба шаршараҳои кабудтар зи самовот,
Зи ашки кӯдаки маъсум низ поктар астанд.
Худои об зи нав зинда гаштааст дар ин ҷо,
Ба бӯса зинда шавам низ ман ба лутфи Худованд…

Шудам чу волаи шириншамоилоти гуми баҳр,
Зи ёд рафт маро заҳмату азобу машаққат.
Баъид нест, ки дар пушти ин шахи камари кӯҳ
Кадом рӯз дучор оядам Ҳумои муҳаббат.

## ОҲАНГИ ПОЙИЗ

Борону барф буду шамол омад,
Ин шиддат, ин фишор чи зарбе дошт,
К-аз баргҳои тӯсу зарангу бед,
Ҳар ҷо, ки кӯл буд, варо анбошт.

Маҳзуну сард нола кунад ғижжак:
Пирӣ шавад чи гуна амиқ эҳсос –
Ҳар гуна иштибоҳу касолатҳо,
Ҳам хастагии кунди пур аз васвос.

Борандагии дилбазани пойиз –
Аз ин батар ғаме ба ҷаҳон набвад.
Афсӯс, сӯхт кавкаби бахти ман,
Аммо маро ҳанӯз аён набвад.

Ин сон ба дард нола кунад ғижжак,
Ҷон мекунад ба рашъа варо такрор.
Як кӯлбор зиндагиам бар пушт,
Дар бераҳа қадам бизанам ночор.

## БАҲОРИЯ

Дар муъҷизи зиндагӣ киям ман:
Нотарс уқоби дурпарвоз,
Ё кирми дарунсиёҳи таппак
Мобайни фасоди даҳр дартоз?

Табъест чунин чаро, Худоро!
Имрӯз рисолатат, бародар
Аз нури баҳор маст гаштан,
Аз ғамзаи зан шудан ҷавонтар.

## ШОМИ ДЕРМОНДА

Дер вохӯрдем, дигар чун сиҷил[1]
Барфи аввал барнамехезад зи дил.
– Ин чи шоме буд! – гуфтӣ дар ҷавоб. –
Буд равшантар зи моҳу офтоб.
Дар миёни барфи ишқи монда дер,
Булбул аз чаҳ-чаҳ нагардад ҳеҷ сер…

❂ ❂ ❂

Чун лашкарии ҳақиқие тунд
Имрӯз аҷаб нишаста сармо.
Гӯё ки сигор мекашад кӯл
Бикшода самост то сурайё.

Дил нест аз офтоб равшан,
Ё шод зи рақси барф алъон –
Ин хандаи ёри ман бувад, ҳон,
Ин гуна ҷарангдору тобон.

Сечархаи тундрои беҳад.
Моро бибарад тали ғубайро,
Бахт аз паси тӯдаҳои барфӣ
Даст афшонад ба ҷониби мо.

1. Сиҷил - гили чун санг сахт

# ПОДОШ

Ногаҳон андешае ҷонро бисӯзад,
К-ин ҳама танҳо ҳаво буду ҳавас буд –
Ларзишу гармиву нуру сӯхтанҳо,
Зери тӯсе бӯсаҳои шабнамолуд.

Дар кучҷо гирам дигар ин гуна нерӯ,
Вақте аз дарди тану аз оташи ҷон
Кӯдаке пайдо шавад дар рӯйи олам,
Нусхаи ман – мӯ ба мӯ, мижгон ба мижгон.

Зиндагонӣ мекунам, ҳам низ мирам
Баъд аз ин бо дарди тӯлонии мубҳам.
Ончунон ки ишқи ту ҳатто натонад
Афви ин ҷурми маро талбад зи олам.

❁ ❁ ❁

Миёни ҳамин тира деворҳо
Чаро ман фитодам, фитодам кучҷо?
Аракро ба консерв ин ҷо хӯранд
Ва бошанд пазмони тағйирҳо.

Дар ин ҷост маъшуқаи дастрас,
Дар ин ҷост ёрӯи[1] таппончадор,
Бимоланд худро ба ҳам одамон
Чу анбӯҳи моҳии нутфагузор.

1. Ёрӯ - авбош

Либоси тагу тосу собуну кафк,
Умумист матбах – ва супи пуроб…
Вале андар ин ҷо тамоми фалак
Бирезад ба лабҳои мо чун шароб.

Ба махмурии қудсии ҳурмузӣ
Биларзад рамақ бар равон тор-тор.
Ва гӯйӣ ба гӯшам, ки «Ман ошиқам…»
Садоят расад аз дили беқарор.

Набошад гумонам ғалат дар ҳақат:
Бисӯзӣ зи кизбат ба дӯзах яқин.
Вале боз бовар кунам ман ба ту
Ва аз нав кунам майлат, эй нозанин!

❂ ❂ ❂

Намедонам, ки ин ғам аз кучо омад
Магар аз он парастуҳои дарпарвоз…
Фишондам буттаҳои кайҳаро, гӯё
Ба сӯям гашт пистонат тарангу боз.

Валекин рафт аз ёдам, ки ҷовидон
Зи ман рафтӣ, нахоҳӣ омад, эй дилбанд.
Бипечад дар само ҷоне ба талхиҳо –
Парастуҳо варо парранда пиндоранд.

❁ ❁ ❁

Гуфтамат: «Алвидоъ»-у аз сари рашк
Рафтам аз хона бо ситезу шикан.
Субҳдам. Нимашаб. Ғуруб. Ғадир.
Бӯстон. Пойтахт. Дашт. Даман.

Истодам. Ба чор сӯй дақиқ
Бингаристам ва мурдам аз ҳайрат:
Ҳар қадар хоки Русро гаштам,
Омадам боз ман ба ин турбат,

Ба маконе, ки ошиқам будӣ,
Ман будам низ ошиқат ин ҷо.
Баъд аз ин ба абри тира паноҳ
Гашт вакзоли соҳилӣ гӯё.

Бешаҳо бекарона абролуд,
Абролуд зиндагии ман аст.
Ҳар чи мегӯям, аз ғамам гӯям,
Бикушоям пару нагирам шаст.

❁ ❁ ❁

Гунҷишкакон чириқ-чириқе доранд,
Ҳуштак изорсурх кашад акнун.
Монанди рӯйҳои нигори ман
Гаштанд абрҳо ҳамагӣ гулгун.

Аммо дилам зиқ асту ғаш оварда,
Андӯҳу ҳасраташ ҳама ҷонсӯзанд.
Гӯё ки зоғу каргаси бисёре
Чашми тамаъ ба лошаи ман дӯзанд.

Бинмой, эй азизи дилам, роҳе
Бар он диёри фойиқу нопайдо.
Ҷойе, ки рӯйи ишқ наборидаст
Не барфу не фалокати тӯфонҳо.

❁ ❁ ❁

Фаромӯшат накардам! Бишнавам ман
Туро бо ҳар ҳуҷайра, ҳар раги ҷон.
Нахӯрда ғам зи бигзашти баҳорон,
Ба мисли шохаи ёсӣ шукуфон.

Азизам, орзуям, меҳрубонам –
Нагӯям бо сухан, бо ҷон бигӯям:
Ки бошӣ ҷовидон хушбахту хушрӯз,
Ки бошам дар ҳақиқат зинда ман ҳам.

## БИСТАРИ ЯХӢ

Дар кулбаи вайрона, бари доираи қутб,
Он ҷой, ки девона аёс асту ҷунун бод,
Мо хоб намудем туи бистари чун ях,
Аз дасти яхинам ба танат рашъа дарафтод.

Мурд оташи шамъ аз нафаси боди гузорӣ –
Вақте ба сиёҳӣ сияҳӣ гашт парафкан,
Афшурд дилам шаъшаъаи бахту саъодат,
Яхҳо ҳамагӣ чашма шуд андар назари ман.

Аз нав бичашидам мазаи ишқи нахустин:
Бо гӯши дилам ҳар нафасатро шунавидам.
Бо хеш ҳамегуфтам шеъре, ки шуд эҷод
Аз меғу гиёҳу гулу аз ғунчаву шабнам.

Худро ту фаромӯш намудиву маро низ –
Сӯзонд танатро ҳамагӣ шавқи паёпай.
Додат пари парвозу сурудӣ чу биҳиштӣ,
Гӯё ки фиканд оташе андар ҷигари дай.

Бедор шуда, гӯш ниҳодем ба бӯрон,
Дар панҷара дидем пайи кошии сармо.
Аммо шуда аз шавқу зи хуршед ҳаме гарм,
Мехост аз ин бистари ях партави гармо.

❁ ❁ ❁

Ба ёд овардани чизе натонистам,
Ки шуд асре, шудам пиру надонистам.

Агарчи зӯр дар бозуи ман кам нест,
Вале ин ҷойи таърифу сано ҳам нест.

Бадо, к-ин шаъшаъи нури чароғи ҷон
Дигар шуд хираву афзуд доғи ҷон.

Чу тарқида бухорӣ дуд кардан чист?
Аз ин шарм оядам, ҷойи сухан ҳам нест!

## ДУ РӮҲ

Соя анбӯҳ. Шаб сиёҳ бувад…
Сухан аз дайн[1], аз наҷот равад:
– Чашмҳоям шуданд чор чунон,
К-аз нигаҳ кардан омадам ба фиғон.
Дар раҳи солҳои танҳоӣ
Нанамоӣ валек, нанмоӣ.
– Ҷони ман! Бо туям, ман ин ҷоям!
Бо ту ҳамроҳу бо ту ҳамроям,
Ҳамчу зулмоту нуру раъду сукут, –
Ва ҳаёт – ошёнаи малакут.
Ва дар оғӯши ҳам шуданд ба шаб
Нур дар нур он ду рӯҳи аҷаб.

## ЗИМИСТОНИЯ

Субҳ дар ҳалқаҳои ҳаври аёс
Мешавад акс ҷодаи мардум,
Бар сари синаҳои духтарҳо
Барф резад чу хӯшаи гандум.

1. Ба маънии вазифа.

Бо ту ҳар бор ман ҷавон гардам,
Эй зимистон, ту аввалӣ ҳар бор!
Нигаҳатро ба ҷони худ хоҳам,
Ғамзае созу кун маро афгор.

Ва чамон шав ба рӯйи бом чу бод,
Пур шав аз шохсору севғарон.
Бош чун наварӯс беҳамто,
Чун дили ошиқон фароху ҷавон.

Беша бо хомаи булӯри яхӣ
Медиҳад ҳар тирезаро оро –
Мезанад раҳгум офтобаки дай,
Мекунад ҳамраҳӣ маро шабҳо.

❁ ❁ ❁

Аз пушти куҳ баромад
Чун рӯйи шуста хуршед.
Бар ҳар тиреза сар зад,
Ҳай зарҳалӣ дурахшид.

Бо саллаи тилоӣ
Қоқу нишаста, бингар.
Дар зери ҳар сияҳбед,
Дар зери ҳар санавбар.

Аз ошёни ноқус
Пар мекашад садое,

Марғӯладору анбӯҳ
Бо пайки ошное.

❁ ❁ ❁

Ин сардии даҳшатовари дайро
Бояд навъе таҳаммул овардан,
Дар сина муҳаббати дарахти тӯс
Чун ишқи азизи хеш парвардан.

Андар паси деҳ миёни олуфа
Гулҳои калони сурх дар ханда.
Гардуни кабудро бибин, дар он
Ин абри гурезпо шитобанда.

Андар чакалак – садои булбулҳо,
Гӯянд санои ҳусни хоки Рус.
Гӯянд зи шаҳди вохуриҳомон –
Аз лаззати шавқу сӯзи бӯсобӯс.

❁ ❁ ❁

Боз танҳоям… аз ҳама тайга
Хоста боди ваҳшии тӯсӣ,
Гаҳ занад хешро ба сад фарсанг,
Мекунад гоҳ осмонбӯсӣ.

Боз танҳоям… изтироб ба дил,
Порае нону гармие хоҳам.

Лек дар роҳ кашмакаш бархост,
Роҳи мо низ шуд бурида зи ҳам.

Боз танҳоям… ин дили нозук
Аз балои замон чу навда шикаст:
Зиндагӣ кардаму надонистам,
Ки ҳамин чашми марг чашми ту аст.

Мешикофад аёс, чархад барф,
Наъра дар сина мекашад бӯрон.
Ҷони ман, аз куҷо хабар ёбӣ,
Кӣ азизи ту мемурад алъон?

Шуд таваллуд вале дар ин дурӣ
Одами дигаре, агар донӣ:
Паҳлавон, хубсурату ғамгин –
Орзуе, ки толиби онӣ.

На барои ту, к-аз туям бадбахт,
На барои ту, к-аз туям навмед.
Ман таваллуд шудам зи нав, хуш бош!
Ман таваллуд шудам зи нав ҷовид.

❂ ❂ ❂

Туҳматзада, азёдрафта, ғайриодат ҳол.
Аммо чи сон равшан бувад ин шаб, чи сон зебо:
Чашмак занад садҳо ҳазорон шамъ дар кайҳон,
Маҳтоб чун фонус нурафшон ба гардунҳо.

Чӯкид лойи тираву коҳид кафки зард,
Биншаст гарду чангу осон шуд нафасгирӣ.
Хиш-хишкунон нури ситора, мисли хасбеда,
Монанди шири мурғ мерезад, чи тасвире!

Дар айни авҷи гуфтугӯи пурғазаб, оре,
Дастам басе наздик буд бар дастаи ханҷар…
Аммо азоберо, шикастеро, надоматро
Дар синаи ман ҷо набошад то кунун дигар.

Оре, дар ин соъат бидонам ман муҳаббат чист.
Ҳам мекунам бовар, ки боре ҳам нахоҳад буд
Дардовару бадтар барои ман, барои ту
Ҷони ту дар ман, ҷони ман дар ту чу тору пуд.

❁ ❁ ❁

Дар калисо мешавад тарқиш фарох,
Мезаҳад мурдоба аз он беадад.
Ин вале, ман гӯямат, набвад бало,
Он қадар ҳам ин на бадбахтӣ бувад.

Ҷон ба танҳоӣ талаб дорад ҳаме
Ҳонае, маҳбубаи дилбастае.
Булбулон мадҳи Худо хоҳам кунанд
Дар таҳи тирезаи бишкастае.

Чашми ҷон дорад хурофотӣ назар
Бар даравгардида паҳнои ватан.
Ҳамчунон ахтар фуруд о аз само
Нимашаб бар гулхани камсӯзи ман.

## ЗИНДАГӢ

Кашад дар бешаҳо уллос бӯрон
Ва шаб – то беканора пуррутубат.
– Занак, гап зан, биё сӯҳбат намоем,
– Биё. Аз чӣ? – Надонам аз чи бобат.

Зи чизе гуфтугӯ бояд намудан,
Аз обу аз ҳаво ҳам метавон гуфт.
Ба гардун беҳуда аз субҳи содиқ
Намегарданд дуду абрҳо ҷуфт.

– Бубин, оре, чи сон хокистарӣ шуд
Замин аз бекарон то бекарона,
Ҷаҳонро дар сафедӣ ғарқ бинем,
Чу бархезем аз хоби шабона.

– Саломат бош! Ман гирам камонро
Ба ҷангал меравам, он ҷо гавазн аст.
– Ман аммо сӯйи оташдон равам беҳ
Ва бояд ҷомашӯйӣ карду нон баст.

Сукут. Андеша мекарданд ҳар ду:
Ин – аз озодии беҳад чу ҳар мард,
Вай – аз зан будану талхӣ чашидан.
Вале бӯрон ҳамоно нола мекард.

❁ ❁ ❁

Боз ҳам сина пур зи ҳасрату ғам,
Лижабозӣ нагардадам марҳам.
Узри ту ҳам набахшадам таскин,
Равшании чароғи шабҳо ҳам.

Ҳамчу овора меравам ҳар сӯй
Байни саҳро миёни ҷангалҳо.
Гӯӣ аз зиндагии худ бешак
Шустаам дасти хеш бепарво.

Ояд аз барф бӯйи хомӯшӣ.
Севғарҳо зи сардӣ албонанд.
Меғи рӯд аст шири субҳдамон,
Шӯшаяхҳо суруд мехонанд.

❁ ❁ ❁

Зиндагонӣ мекунам бе ҷунбуҷӯш
Хонаи ман тира бошад ин қадар.
Шомгаҳ лекин зи пушти абрҳо
Мезанад гоҳе ба он маҳтоб сар.

Оҳ, ҷонам, оҳ, ширинам, магар
Ҳеҷ донистам нахоҳад, к-ин ҷаҳон
Гар шавад фирдавс, бо ӯ низ ҳам
Ман нахоҳам дид онро бегумон.

Аз тамоми равшаниҳои ҷаҳон
Чашми ҷонон сӯйи ман боз асту бас,
Чашми неку меҳрубони ӯ маро
Мояи иншои эъҷоз асту бас.

❂ ❂ ❂

Сеч[1] ковок аст, аммо устувор,
Лижабозиаш набитвонад шикаст.
Ман зи байни шохаҳои яхзада
Аз баландӣ канда мегардам ба шаст.

Чун атое дӯст медорам ҳаёт,
Метапад дар сина дил бо изтироб –
Ҳафтрангӣ рӯду садовоз уфуқ,
Даҳр чун дар кӯдакӣ садрангу тоб.

Бад ҳаво гарчи кунандам орзу,
Мерасад рӯзе, ки гардад барф об.
Субҳро – поёни шабҳои сафед –
Як гавазне оварад қудсимаъоб.

## НӮФИ[1] ЗАМИН

Мениҳад по ба хашм дар ҷангал
Хирси бедоргаштаи сармо.
Ҳамчу сими нишаста андар мис
Ахтари қутбӣ омада ба ҷило.

1. Сеч - қабати рӯйи барфи яхкарда
2. Нӯф - акси садо

Мисли алмос барф рахшон аст,
Ҳамчу симоб оби рӯд захим.
Чун дар афсонаҳои бобоӣ
Соҳилонаш ба зери меғи вахим.

Мезанам аз канораи ҷангал
Шодмон дод: Оҳ-оҳо-ҳо!
Бекаронӣ чу аз даҳони тӯп
Бидиҳад посухам ба акси садо.

Ҷангали пур зи барфу даҳри сафед
Гӯӣ аз фарти лоғу истеҳзо,
Мешаванд аз суруди муъҷиза пур
Дар ҷавоби садои паҳноҳо.

❂ ❂ ❂

Дӯшизаи поки субҳгоҳӣ
Бигзошта ҷоми оби ҷавро
Дар пайраҳаву канори гулгашт
Бар меҳрмаҳи шаробпаймо.

Чун ҷому пиёла баргҳоянд,
Кафлези пур аст барги ҳар гул.
Хушҳол буванд бачаҳомон,
Ҳам духтаракон буванд шангул.

Дастон ба камар ситода финдиқ
Рӯ ҷониби тӯдаи ғубайро.
Ман низ дар ин миёна мастам,
Бо мӯйи сафед ринду расво.

Бо синаи пур нафас кашам ман –
Ин гуна ҳавои данду фарҳат.
Шодам зи пуродамии ҷангал,
З-ин ҷангалиёна одамият.

Дар пайраҳа мезанам қадам ман –
Андар сафи баргҳоям аввал.
З-он пеш, ки бехудона ғалтам,
Нӯшам зи пиёлаҳо мусалсал!

❂ ❂ ❂

Ҳар шомгоҳ чой ҳаменӯшем
Бо меваҳои хушки лазизу хуб.
Бо гуфтугӯи аз таҳи дил ширин,
Бо хандаҳову шӯхии дилошӯб.

Пас ҳар касе равад пайи кори худ:
Ман – аз пайи навиштани шеъри нав,
Зан – нилгун ойинаро бинад,
Атфол аз пайи пишаки мав-мав.

Ин шомҳои фарҳату хушбахтӣ!
Онон наҷотбахши мананд, оре,

Аз ҳар бало, ки мисли шамоли тунд
Меояду ҳамезанадам тире.

Бимам на з-он бувад, ки ҳамемонам
Бе сӯзу сози шеъри ҳаловатбор,
Донад Худой, тарсам аз он рӯзе,
К-ин шоми мо дигар нашавад такрор.

Бадбахтӣ, обхезиву раъду барқ –
Нозил ба мо қазо битавонад кард.
Зеро ки ин диёри ману ту худ
Девонаасту кӯру кару пурдард.

Аммо чу рӯз бигзарад, оре, зуд,
Деринтизор шом зи нав ояд.
Шоме, ки равшании дили мо аст –
Дигар чи гуна васф варо бояд?

❁ ❁ ❁

Дар ин хок, дар ин чангали сангин,
Ки аз ғуссаву аз ғам шуда зулмот,
Батар мебудам аз гумшудаҳо ман,
Ҳам аз ғарқшуда халқ зи томот.

Ту аммо чу яке нури илоҳӣ
Задӣ барқ дар ин шоми азобам.
Мане, ки сари мӯ зиндагиям буд,
Дигар сӯйи ту ҳар рӯз шитобам.

Сар афрошта мо ҳар ду ба кайҳон.
Назаршон бинамоем, чи хубе.
Ба мотам нагиристем, ту гӯйӣ,
Ту гӯйӣ, набуда дур ғурубе…

Шитобам сӯйи ту лек, азизам,
Ҳамин ҷони ману ту чу ду миқроз
Чи бурранда ба дасти маҳи хурдод,
Ва аз сӯзиши ишқанд сарафроз.

Чи табдили пурэъҷоз бувад ин,
Вале муъҷизае нест дар ин шӯр.
Ки ин марҳамати Эзади пок аст,
Ба ин сидқу ба ин сабру ба ин нур.

❂ ❂ ❂

Зангам назанед. Нестам ман. Мурдам.
Ман бори нахуст мурдам, аммо ҷовид.
Як занг дар ин бора накард огоҳам,
Ҳам нола ба гӯши ман зи симе нарасид.

Бадкина ҳаёт зад на танҳо бар ҷон –
Ин гуна шиканҷаи варо кас нашунид:
Ишқе, ки дилам ба ёди ӯ хоб надошт,
Шаб ҷони бахобрафтаам хобаш дид.

# ҚАСОС

Нестам марди орзуи ту, оре,
Ҳам на оне, ки эътиқоди ту бар ӯст.
Боз ҳам лек ҳасрати дили худро
Мебарам то ба остони ту, эй дӯст!

Бигзор, аз дарат ҷавоб наояд
Ва наойӣ бадар зи рӯйи иноят.
Ларза афтад вале ба қалби ту, донам,
Ба замин мезанад пиёлаи дастат.

Чашмнилӣ рафиқи ту ба куҷо рафт?
Он, ки дар дидааш шарора занад меҳр.
Ва зи танҳоияш даме бикунад ёд
Ва ба ёд ёварӣ – чи гуна будам чеҳр.

Ман. Вале – гӯиё ки мурдам гумном, –
Баски дигар вафо кунам ба зани хеш.
Дасту по гум намуда, аз сари рашкат
Менависӣ ба ман ду-се гапи пурнеш.

Ман дар ин ҳол низ ҳеҷ нагӯям,
Гарчи девонаам чу зиндаҷудое,
Мунтазир мешавам, ки з-ин ҳама охир
Хаста гардиву худ ба назди ман оӣ.

❁ ❁ ❁

Нахуфтам ҳамин тавру наздики субҳ
Алаф хушк шуд, чеғ ҳам зад хурӯс.
Ту ҳоло равӣ лаб-лаби рӯдбор
Ба лаб аз ҷудоӣ фиғону фусӯс.

Вале бод бӯят ба як ҳамла бурд,
Худоро, лабат нӯшаму бишнавам
Ҳама умр ногуфта гапҳои ту,
Ки ҳар ҳарфашон метапад аз алам.

❁ ❁ ❁

Бигзор, ки ишқ нур пошад
Ҳар ҷо, ки нафас кашида будам,
Чун муъҷиза боли ҷони худро
Шодон ба само ҳамекушудам.

Аз ғусса замин ҳамезадӣ хам
Гӯё ки зи зарбаҳои тундар, –
Бечора дилам гумон ҳамебурд
К-ӯро набувад ҳаёт дигар.

Аммо чу гиёҳи навбаҳорӣ
Аз байни бетон кашидаам сар.
Аз байни бетони кину таҳқир
Бо нашъаи зиндагӣ музаффар.

❁ ❁ ❁

Рафтанд чи гуна солҳо, оҳ!
Бигзашт зи сар ҳазор тӯфон!
Ман, лек, ба ростӣ, намурдам
В-аз фикри баде наям пушаймон.

Сӯзад алави кабуди афлок,
Дар чашми ману ба дидаи ту –
Хомӯш шавад ба пушти талҳо
Раъде, ки надошт ҳам ҳаёҳӯ.

Гӯянд, ки зинда мондаам ман
Ё зистаам? Тафовуташ чист?
Чун субҳи зарин қарин бароям
Аз оташи чашмҳои ту нест.

## МУҲАББАТ

Ҳар кучое бингарӣ, теғ асту сӯзан,
Ё нигоҳе тезтар аз оби наштар –
Буд оҳанги ту танҳо дар дили мо,
Не набардат кард хомӯшу на тундар.

Шуд качолу[1] сабз, он ҷойе, ки хун рехт,
Қад кашад дар устухони ҷанг хона.
Ту сияҳ аммо накардӣ рӯйи худро
Байни ин ҷангу ҷадалҳои сагона.

1. Качолу - картошка

Рӯйи ту байни ҳазорон рӯй зебо,
Чашмҳоят – мисли тӯфонҳои анҷум,
Мо ситода дар камин бошем дойим,
То насозад душманиат ҳеҷ мардум.

Нав ба нав – Бо мостӣ – Тоза ба тоза,
Назди ҷовидон ҷавобатро бигӯем,
Ҳар ки тавфиқаш диҳад, донад, ки ишқӣ!
Ҳам наёбемат, агар сад сол ҷӯем.

❂ ❂ ❂

Ошиқаму ошиқи мананду на пирам,
Лек дилам хоҳадо, ки дар қабати ман
Сарви абадзинда як замон бикунад ҳифз
Чашмаи ҷӯшону бингарад сифати ман.

Чун бирасад рӯзи ман, дуъо бикунедам,
Афв намоед, агарки буд гуноҳе.
Масъала гар мегузоштам – ҳама густох,
Ошиқу маъшуқ будам, он, кӣ ту хоҳӣ.

Лек ба охир расад замони асал ҳам,
Ёру рафиқони ман нишаста ба мотам.
Лек, зи маргам батар – чу чашма бимирад,
Чунки намиранда аз вай аст вуҷудам.

❁ ❁ ❁

Макун гиря, эй зан, ки ман умри худ
Ба наздикӣ охир нахоҳам намуд, –
Ҳидоятгарон оташи ахтарон
Фурӯзанд дар бурҷи чархи кабуд.

Ба сармо ҳам он ҷо равон аст рӯд,
Дар ин ҷой ях баста оби равон.
Бибахшид шӯят, ба ӯ бозгард,
Ки чашмаш ба роҳи ту чор аст, ҳон!

Нигоҳи ту дар пардаи меғ дар,
Ба вақти видоъат бибину шунав,
Ки нолад чи сон селаи севғар
Зи сармо шуда сурх мисли алав.

Нарав! Чун ману ту на аз иштибоҳ
Дучор омадем андар ин пайраҳа.
Чу ғижжак сароянд талҳои барф
Ба васфат суруде беҳ аз чаҳчаҳа.

Чи зебоӣ, эй зан, чи хушрӯ туӣ!
Ду чашми мусаффо. Мусаффост барф.
Ман аз бӯсаи ту бимонам ҷавон
Агар ҷовидонӣ, набошад шиграф.

❁ ❁ ❁

Зиндагонӣ нагашт равшану беҳтар,
Баъд аз ин низ ҳеҷ беҳ нашавад он:
Бар сари қабри хоксори насорӣ
Бинишаст ахтари ту низ зи кайҳон.

Муҳлати зиндагӣ сар омада ҳоло,
Зиндагон, эҳтиёт бояд кардан:
Дили тағйирнопазири раҳеро,
Ки бувад интизори вохӯрӣ амдан.

Дар замин шуд раҳи ману ту ҷудо, лек
Бошад уммеди васл муҳкаму ҷовид.
Навҷавонии мо дучор ҳам ояд
Боядо дар само чу партави хуршед.

Ту фақат номи ман набар зи дили худ,
Ки бувад он баланд назди дигарҳо…
Нарм-нармак қариб ношунаво худ
Ӯ даромад ба хоби нози ту ҳоло.

❁ ❁ ❁

Рӯди тақдир мешавад камоб –
Чашм бардоштан набитвонам:
Бӯсӣ акнун лабони бегона,
Бо каси дигаре шавӣ хуррам.

Оварам хашм: «Эй хиёнаткор!
Барқ сӯзад туро ба хашми Худо!»

Ва ҳамоно ба рӯйи синаи ту
Биниҳам ин сари сафедамро.

Арзиши ман кунун бувад ночиз.
Ин бувад худ ҳақиқати ашё:
Чи гуворо, ки бо ман астӣ ту,
Бо ту бошам зи баски ман, чи бадо!

## ШАЪШАЪА

Аз нуқраи рехта саропо
Борид чу оташи ниҳон барф.
Монанди арӯси зери чодар
Бошад шаби наврасида ҳар тарф.

Эй ёри азиз. Дар кучоӣ?
Ҳарфе ту бигӯй дар ҷавобам.
Яхкарда фалак валек хомӯш
Пушташ ба сари ҷаҳон зада хам.

Шояд ки … Дилам зи дард печад:
Ҷони ту тиҳӣ намуд қолаб.
Падруд туро бигуфт ҷовид
Бо ҷилваи барфи нуқрагун шаб.

❁ ❁ ❁

Зи сармо сардтар «Не» гуфтани ту
Ба рӯям равшаниро баст ҳар сӯ.

Як ахтар раҳнамоям дар замин аст,
Сӯйи Сибириё роҳам яқин аст.

На, ин набвад фиғони хирс эдун,
Чунин бӯрон бихезад то ба гардун.

Зи кишвар то ба кишвар, сол то сол –
Бимир андар миёни барфи қаттол!

Намирам, духтарам чун хавфомез
Зи торикӣ кашад фарёд: «Бархез!»

## ПАРАНДА

Дӯстам, оҳ ин чи бадбахтист!
Боз, ангор, равшанам некӯст –
Баҳри ёбони чашмҳои туро
Накунам нафрату надорам дӯст.

Фикр кардам, ки мурғи ром астӣ,
Ту вале будаӣ ҳаме озод,
Дастомӯзи ман нахоҳӣ гашт,
Дӯст медориям агарчи зиёд.

Субҳгоҳон фуруд меойӣ,
Мечанӣ[1] донаи муҳаббатро –
Боз байни ғубори зузанабӣ
Бишитобӣ ба сӯйи гардунҳо.

1. Чандан - чидан

❁ ❁ ❁

Монандаи озурдаҳо
Дар чашмҳоят оташак.
Афтод чун чашмам бар он
Кардам фаромӯши фалак.

Сӯзад дар онон нури нарм
Монанди бемаргӣ башаст,
Дил мешавад равшан аз он,
Ҳам ранҷи пирӣ камтар аст.

Як вохӯрии дигару
Сӯзам дар оташ мӯ ба мӯ.
Боли муҳаббат мебарад
Бар осмонам сӯ ба сӯ.

Гӯё ки бори охирин
Бахшад наҷотам Кирдигор
З-ин чашмҳои пуралам
Аз ин нигоҳи меҳрбор.

❁ ❁ ❁

Меғи фатиламӯйи сараш испед
Болои рӯзи тира шуд овезон…
Бо хеш бурдаӣ ту муҳаббатро,
Он сон ки марг мебарад аз тан ҷон.

«Пас деҳ!» – кашам ман аз паси ту фарёд, –
«Ишқи маро муҳаббати ҷонамро».
Аммо ҷавоби ман ҳама хомӯшист
Монанди хоби мубҳаму нопайдо.

Худро даруни хона занам хомӯш.
Резам ба истакон майи вофир,
Нӯшам ба ёди ишқи зи ман рафта,
Ангор, рӯзи мотам – то охир.

❂ ❂ ❂

Чи бесомоние зери фалакҳост,
Ки ман бо бад сухан, гӯё ки бо бел
Бикандам гӯр дар байни ману ту
Ба ҳадди ҷони сайраш чун абобил[1].

Ту мешустиву мепухтӣ бароям,
Шабон аз кор пойидӣ раҳамро,
Ту мекардӣ хиёнатҳои ман афв
Ва аз нав дӯстам медоштӣ, ҳо!

Наарзам ман ба ашки як шаби ту,
Ту ҳам андӯҳгин бар ман бибахшо.
Барои мо канам ман гӯр, бешак,
Барои худ бимонам ҷой аммо.

1. Абобил - парастуҳо

❂ ❂ ❂

Шаби торик сиёҳ аст чу мурдоб,
Ки гаронтар бувад аз сурб ҳам обаш.
Ту ба ман ҷафс шудӣ – ҳамчу ба зинда
Ва чу аз мурда ҳазар кардаву ҳам ғаш.

Доду фарёди пур аз даҳшату аз тарс,
Гӯиё хона шуд аз он ҳама пора.
Хонаи бахти ману ту бипароканд
Реза-реза ба ҳама кунҷу канора.

Олами зери маҳи бадр хамуш буд,
Бӯйи сардӣ бикунад ҳам ҷасад, оре.
Пирзоле нигарад з-ойина сӯят
На варо ҳушу на рӯҳу на мадоре.

❂ ❂ ❂

Говгум буду сард буд ҳаво
Кард бояд ба бар ҳаме палто.
Ва ту ҳам дӯстам намедоштӣ,
Ва намедоштӣ ту дӯст маро.

Буд сармову манситода будам,
Аз алам сӯхтам ҳаме худро,
Ях бибастанд дар дилам гулҳо,
Ки барои ту карда будам ҷо.

Лек боре тасодуфан боре
Ман дар он чашми пурхумори ту ҳам
Ташнагие амиқро хондам
Гӯйӣ аз сатрҳои пурсӯзам.

Ҷон кунад ях зи хотироти куҳан
Ҳамчунон пӯзханди зебоӣ,
Ҳамчунон гӯшаҳои яхкарда,
Ҳамчу гулҳои зарди ёбоӣ.

❂ ❂ ❂

Гузашт зиндагӣ аз пушти бешаву куҳҳо,
Зи сина бӯйи зимистон ҳамерасад ба машом.
Дурӯғ бошад, гӯям чу ишқи мо бо мост,
Ки монд пушти сар ӯ низ чун ҳаёт тамом.

Назар кунам зи паси панҷа, тоқа мегардам, –
Ба абрувон гиреҳ, озурдаҷону хашмолуд.
Само баланд бувад, то суруд дури дур,
Ва зулфи марг имоям кунад ба чархи кабуд.

Дудаста гирам ин зулфрову дод занам,
Чунонки тар шавад аз хуни дида пайкари ман…
На, пеш аз он ки бимирам, ба хеш даргирам
Аз ин сухан, ки «Туро дӯст дорам, Ахтари ман!»

## МАРМАР

Лағжид зи китфонат пироҳани рангинат
Дар пайкари абрешим бо шарфаи абрешим.
Хобам чи қадар ширин бурдаст дар оғӯшат,
Чун тифл дар оғӯшат бедор шавам дойим.

Дар холи бари рӯйи чун шир сафеди ту
Ошуфтаву ноҷунбон бо рашк назар кардам.
Ҳар як мижаат бошад рӯзи сияҳи ошиқ –
Дар рӯзи сияҳбахтон бо рашк назар кардам.

Бар чашмаи рагҳоят қурбонӣ агар созанд
Сад ҷон набувад қимат, сад зиндагӣ арзон аст.
Бо зӯри ҳама олам онро натавон барканд,
Баркандани занҷири оғӯш на осон аст!

Бастем, ту гӯйӣ, санг аз машғалаи қисмат
Монанди яке ҳайкал шуд пайкари мо мармар
Дар бистари шабранги ҳангоми саҳаргоҳон
Бо ҳамҳамаи сарди бӯрони талотумгар.

Ин пӯстаки хирсӣ афканда ба рӯйи фарш
Ёд оварад айёми бигзаштаи андакро.
З-ин ҳайкали гарми мо бе ҳеҷ шаке, бингар,
Гардид дупора дил, ҷонрост чи вовайло!

Бо ишқ худоҳофиз имрӯз намегӯем
Андар таҳи мармарҳо – санги сари гӯри мо.
Бо ту ҳама буди ман бедард бирафт аз ман,
Дар ман ҳама буди ту дард асту маломатҳо.

❂ ❂ ❂

Бо сардии тирамоҳ, ҳангоми ғуруб,
Вақте ки шавад равшан нилӣ гунбад,
Бингар, ки гавазни ҷангалӣ чун одат
Сӯре занаду чу интизорон истад.

Як лаҳзаву ду, лаҳзаи сеюм ояд,
Гардид чу санг хомушӣ овезон,
Аммо, бингар, гавазн аз пушти кӯҳ
Шайпур зинад ба дард дар посухи он.

Ҷуфтак бизанад гавазн байни ҷангал
Монандаи тундбоди ваҳшӣ ҳар сӯ,
Пурбим бувад ҷаҳони ҳастиофар –
Шӯру шараре ҳам, ки бувад дар ҳар ду.

❂ ❂ ❂

Нагзашта соли ман зи чиҳил ҳоло,
Дастам бувад ҳанӯз шаху гиро,
Бошад зи найза ҳам нигаҳи ман тез.
Чун дӯстони хеш ба сар, аслан,
Мошу биринҷи мӯй надорам ман,
Дарди ман аст дар дилашон ҷо низ.

Эй дуррафта, чашм макун пинҳон,
Донам, дарунашон бидамад тӯфон,
Зеро надорамат пас аз ин ман дӯст.
Аммо чи гуна дӯст тавонӣ дошт,
Онро, ки баҳри хеш фақат мекошт
Тухми умедро, ки куҷо некӯст?

Тифлон, вале чу болу пари муҳкам
Аз арз бар само бифарозандам,
Нӯҳ осмон ба зери парам ночиз.
Бахшам барояш ин ҳамаро, бишнав:
Кори наву таронаву шеъри нав,
Ҳар як тапидани дили худро низ.

Аммо аҷал? Аз ӯ чу биандешам,
Андар сукути шаб бизанад нешам,
Ҳам вақти обхезии рӯзона.
Кай ояд ӯ, ба кас натавонам гуфт,
Бо яъсу ғусса лек набошам ҷуфт,
Равшан бувад чу субҳ маро сина.

Бунлоди сахту муҳками оянда,
Ман ҳам бад-ин умед бувам зинда,
К-он ормони ҷадди бузургамро,
Онро, ки худ кашида будам боре
Бо шаъну бо шараф шиканам, оре,
Дар солҳои некуи умри мо.

Нек аст, ё бад аст – барои тамъ
Ман пули пучаке нанамудам ҷамъ,
Маънии зиндагӣ на дар ин бошад.
Шояд ки баъди ман хамушу сархам
Бар ёд оваранд маро бо ғам.
Шояд ки баъди марг чунин бошад…

❂ ❂ ❂

Зимистон аст пушти дар, валекин
Надорад шиква дил аз омаданҳош:
Ки ҷангалзори пур аз тӯс ҳоло
Нигаҳ дорад шукӯҳу фарри зебош.

Бирӯяд дар кучҷое ҳам гиёҳе
Ба номи содаву одии «ғеша»
Ва бошад нилгунӣ ҳам парешон
Ба рӯйи осмони ҳамчу шиша.

Ва ларзанд ахтарони бас дурахшон –
Ва, гӯё себҳоеянд ҷондор
Суйи боғи зимистонӣ бихонанд
Тилоӣ ҷони инсони дилафгор.

❂ ❂ ❂

Он ёри меҳрубонро бояд ки ман бибинам,
Бояд ки рози дил гуфт ҳоло ки умр боқист.
Бояд бар ӯ бигӯям аз муъҷизоти толиъ,
Ҳам боядаш бигӯям: дарёи дарду ғам чист.

Аммо шуда насибам рӯзу шабон фақат кор,
Бе кор зиндагонӣ набвад маро даме ҳам.
Не охиру на аввал, якшанбе неву шанбе,
Не сар зи по тафовут, не по зи сар бидонам.

Дигар бас аст – оре, гаштам лакоту шалпар!
Хуршеди зиндагонӣ хам зад ба сӯйи бегоҳ.
Шояд зи лутфи қисмат вақти ғуруби худ ман
Дилдори худ бибинам, ёбам ба қалби ӯ роҳ.

Эй ҳамзамин, бибахшам, эй ҳамзамон, бибахшам,
Беҳуда ҳам магӯед дашном бар ғубайро, –
Зеро ки зиндагонӣ аз марғзори имрӯз
Ногаҳ яке нагун шуд бар ботлоқи фардо.

❂ ❂ ❂

Ҷудо гаштанд пойизу зимистон:
Расад айёми сарди барфрӯбон,
Вале дар кӯчаҳои танги қишлоқ
Қаторак мерасад чун рамма борон.

Валекин осмон бе равшанӣ нест,
Миёни роғҳои абр ҳар ҷо,
Вазад гар андаке боди ҷанубӣ,
Кабудии само гардад ҳувайдо.

Ба монанди суруди куҳнагашта
Кашад ин зиндагонӣ бар дарозо.
Агарчи вожаҳо рафтанд, лекин
Занад дар ҷонашон оҳанг ово.

# МУНДАРИЧА

Хокистари бадан ....................................................................5
Ситора ....................................................................................5
Хотираҳо – сиришк – дуд ..........................................................6
Зиндагонӣ суруди парвозист .......................................................7
Булбулон нола мекунанд чи хуш! ................................................8
Оҳ, ногаҳ чаро пур аз андӯҳ .......................................................8
Ишқи ҷовидонӣ ..........................................................................8
На бо гуфтори худ, ҳам не ба рафтор .........................................10
Дар ишқ ...................................................................................11
Дили танҳо ..............................................................................12
Маро мекунад ҳамраҳӣ рӯзу шаб ...............................................12
Накунам шитоб ҷойе, чу туӣ ба паҳлуи ман. ................................13
Худовандо, зи ман ошиқтаре ку?! ...............................................14
Кӯр .........................................................................................14
Чи гуфтӣ, ҷони ман, нашнидамат ман? ........................................15
Меҳр .......................................................................................16
Бо худ .....................................................................................17
Гуми ишқ .................................................................................18
Пеш аз ин, ангор, чизе ман набудам ............................................19
Ростӣ, пинҳон намедорам ...........................................................19
На дар муҳаббату не дар ҳаёту не дар шеър. ................................20
Чи зебост барги дарахти калин ..................................................21
Вохӯрӣ .....................................................................................21
Аз ҳама зебо .............................................................................22
Ин манзарaро нигар, Худоро .......................................................23
Санами тасодуфӣ .......................................................................23
Тухфаи нафис ...........................................................................24
Фуникулёр бибурдам ба само ......................................................25
То ки гули ишқ нагардад хазон ...................................................26
Тоқбозанд шабон ойинаҳо ...........................................................27
Зиндагии азиз некӯтар ...............................................................28
Рағбати шоъир ..........................................................................28
Дар вуҷуди ту чи пинҳон аст ......................................................29
Партгоҳест зери пойи ман ...........................................................30
Гулҳои арӯсӣ ............................................................................31
Саҳар бархостам аз бистару дидам...............................................31
Камар ба хидмати замона бастаӣ .................................................32
Дар ҳота баҳор бишукуфад, лек ...................................................32
Зери соябон ..............................................................................33
Бод мегирад зи нав шиддат ........................................................33
Вақте ки хоби ноз дар чашми ман нишаст ....................................34

Даро ба тайгаву бишнав навои фотимачумчуқ ..........................35
Сухан тамом шуду хостам сукут кунам ...................................35
Зимистон бо сипоҳи анбуҳи сармо .........................................36
Дар ин халиҷ, ки андар ҳарими оромист ..................................36
Мешавам зиндагӣ, мешавам марг низ ......................................37
Сар-сари амвоҷ ёғӯ ҳамчу рӯҳ ................................................37
Дӣ гумон доштам, надорад дил ..............................................38
Зиндагӣ ё марг? Оре, зиндагӣ! ...............................................39
Не, булбулон набошанд ..........................................................39
Шаби бадахшм аз миён поён ..................................................40
Неку бад зистем, то бикунем ...................................................40
Ин дард сабақ бувад бароям ...................................................41
Зиндагониам чӣ бошад? Шаъшаъи пурхор! ................................41
Ҷавобам деҳ, чи қадрам дӯст медорӣ? .......................................42
Гарчи сармо занадам субҳгаҳон ...............................................42
Замин дар хун, замин аст андар оташ .......................................43
Ноладу афғон кашад дил, гӯиё зоғе ...........................................44
Аръаронанд қад-қади ҷода ......................................................44
Музтарибу бимнок менигарӣ сӯйи ман ......................................45
Лоақал бо як сухан баргӯй ......................................................45
Нома ...................................................................................46
Парандагони абад .................................................................47
Света, Света, дилафрӯзи шом ..................................................48
Боз хурдод асту дилҳо ............................................................48
Гармои тамузи мағзҷӯшон .......................................................49
Манзарае мисли аҷал тирарaнг ................................................50
Дилам пурхуну чашмонам пур аз об ..........................................50
Роҳи хона .............................................................................51
Субҳ – хоҳам сафар ба дуриҳо .................................................52
Пари сафедор, пари сафедор ...................................................53
Чанд рӯзи дигарам монда .......................................................53
Ниёиш ................................................................................54
Зи саҳро омадам, гирондам оташ ..............................................55
Ҳаст ҷойе, ки Худованд нишонаш карда: ....................................55
Рӯдак .................................................................................56
Абр аз пайи абр, мавҷ аз пайи мавҷ .........................................57
Дубайтиҳо ...........................................................................57
Парӣ ..................................................................................59
Ба чи кор оядам ғами дунё ......................................................59
Бояд ки ман ин нақшаро бозам ба мисли актёр ...........................60
Бошӣ кушандатар аз теғ, эй ҳаёт ..............................................60
Зиндагӣ қатра-қатра ҳамчун об ................................................60
Ҳеҷ гоҳ ин қадар ғаму андӯҳ ...................................................62

Бошад ҳаёти бигзаштаи ман .......................................................62
Гармӣ ................................................................................................63
Тилои дил ........................................................................................64
Куҷо медонистаме, ки мешавам пир ..........................................65
Чеҳра ................................................................................................65
Боз сармои сахту меғи захим .......................................................66
На моҳ, на ахтарон, на офтоб .......................................................67
Ин аст обутоби худовандӣ ............................................................68
Аёси аввалу ошӯби обон ...............................................................68
Зангбаста рӯзҳои моҳи шаҳревар .................................................69
Охирин куку занад ку-ку ...............................................................69
Хуш бувад зиндагӣ дар ин дунё ...................................................70
Донам, ки ин иттифоқ афтад .........................................................71
Аз муҳаббат шабон ҳамеларзӣ ......................................................71
Дигаргунӣ .........................................................................................72
Маҳлаб ..............................................................................................73
Он чи шуд, буд идомаи даврон ....................................................74
Умрам ба чил омаду кунун танҳо .................................................74
Дар паси панҷара шавад равшан ..................................................75
Ваъдаи бахт ......................................................................................76
Аммо агар зад табли осоиш бароям шеър ...................................77
Дӯстам гум шуду зани ман рафт ..................................................77
Паҳлу задаам, зи даҳр дилгир .......................................................78
Талхширин бӯйи явшон аст ..........................................................79
Ҳарчанд ки жола зад бад-ин сахтӣ ................................................79
Гулпарак ............................................................................................80
Вохӯрӣ ...............................................................................................81
На аз бахти бадам, бал аз саъодат ................................................81
Мебарад мавҷ завраќе бар дӯш .....................................................83
Вақте ки фаро расад ғурубат .........................................................84
Гармӣ андар ҳаво ба ҳар сӯ рехт: ..................................................84
Меравад аср пештар ҳар дам .........................................................86
Ҳар шоми расида барф афзояд ......................................................86
Барам зи ёд ҷаҳоне, ки рӯзи нек дар он нест.................................87
Оҳанги пойиз ....................................................................................88
Баҳория ..............................................................................................88
Шоми дермонда ................................................................................89
Чун лашкарии ҳақиқие тунд ...........................................................89
Подош .................................................................................................90
Миёни ҳамин тира деворҳо ............................................................90
Намедонам, ки ин ғам аз куҷо омад ...............................................91
Гуфтамат: «Алвидоъ»-у аз сари рашк ...........................................92
Гунҷишкакон чириқ-чириқе доранд ...............................................92

Фаромӯшат накардам! Бишнавам ман ....................................93
Бистари яхӣ ..........................................................................93
Ба ёд овардани чизе натонистам ....................................................94
Ду рӯҳ ...................................................................................95
Зимистония ..........................................................................96
Аз пушти куҳ баромад ............................................................96
Ин сардии даҳшатовари дайро ......................................................97
Боз танҳоям… аз ҳама тайга ......................................................97
Туҳматзада, азёдрафта, ғайриодат ҳол. ..........................................98
Дар калисо мешавад тарқиш фарох ................................................99
Зиндагӣ ...............................................................................100
Боз ҳам сина пур зи ҳасрату ғам ..................................................101
Зиндагонӣ мекунам бе ҷунбуҷӯш ..................................................101
Сеч ковок аст, аммо устувор ........................................................102
Нӯфи замин ...........................................................................102
Дӯшизаи поки субҳгоҳӣ ..............................................................103
Ҳар шомгоҳ чой ҳаменӯшем ........................................................104
Дар ин хок, дар ин ҷангали сангин ................................................105
Зангам назанед. Нестам ман. Мурдам. ............................................106
Қасос ..................................................................................107
Нахуфтам ҳамин тавру наздики субҳ ..............................................108
Бигзор, ки ишқ нур пошад ..........................................................108
Рафтанд чи гуна солҳо, оҳ! .........................................................109
Муҳаббат ..............................................................................109
Ошиқаму ошиқи мананду на пирам ................................................110
Макун гиря, эй зан, ки ман умри худ ............................................111
Зиндагонӣ нагашт равшану беҳтар ..................................................112
Рӯди тақдир мешавад камоб ........................................................112
Шаъшаъа ..............................................................................113
Зи сармо сардтар «Не» гуфтани ту ................................................113
Паранда ...............................................................................114
Монандаи озурдаҳо ..................................................................115
Меғи фатиламӯйи сараш испед ....................................................115
Чи бесомоние зери фалакҳост ......................................................116
Шаби торик сиёҳ аст чу мурдоб ....................................................117
Говгум буду сард буд ҳаво ..........................................................117
Гузашт зиндагӣ аз пушти бешаву куҳҳо ..........................................118
Мармар ................................................................................119
Бо сардии тирамоҳ, ҳангоми ғуруб ................................................120
Нагзашта соли ман зи чиҳил ҳоло ..................................................120
Зимистон аст пушти дар, валекин ..................................................122
Он ёри меҳрубонро бояд ки ман бибинам ..........................................122
Ҷудо гаштанд пойизу зимистон ....................................................123

**Иван Переверзин**

# ГУЛҲОИ МУҲАББАТ


| | |
|---|---|
| Масъули чоп: | ***Маҷид Салим*** |
| Муҳаррири ороиш: | ***Ромиш Шералӣ*** |
| Муҳаррири техникӣ: | ***Ф. Муродализод*** |
| Тарроҳ: | ***Ҳ. Холов*** |

Ба матбаа 4.09.2010 супорида шуд.
Ба чопаш 9.12.2010 имзо шуд. Коғази офсетӣ.
Чопи офсетӣ. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 70х100 $^{1}/_{32}$.
Ҷузъи чопӣ 4,0. Адади нашр 300 нусха.
Супориши № 105/10.

Нашриёти «***Истеъдод***».
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36.
Тел.: 221-95-43. E-mail: istedod 2010@mail.ru.